Пардохти андоз - баҳои
тамаддуниятнокии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№5 (1154)

Панҷшанбе,
31 январи соли 2019

E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли
1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



# ВАЗЪИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗИ ЯГОНА

Низоми содакардашудаи андозбандӣ
барои истеҳсолкунандагони
маҳсулоти кишоварзӣ



ҶАМЪБАСТ

## Пешравӣ ба назар мерасад

Фаъолияти бомаром -
гарави таъмини воридоти андозҳо

с. 6

ПРЕЗИДЕНТ



## ТАБРИКОТИ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Сада

с. 2

ФАРҲАНГИ АНДОЗ

## ФАЪОЛИЯТ ТАҲТИ НАЗОРАТ

Ҳадафи муоинаи хронометражӣ - назорати андоз бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупоранда

с. 5

ҶАЛАСАИ КОРӢ

## ТАКМИЛУ ТАҚВИЯТИ ТАБОДУЛИ МАЪЛУМОТ

Гузориш аз ҷаласаи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

с. 9

САНҶИШ

## ИҶОРАИ БЕҚАЙДИ МОЛУ МУЛК

Мурочиатҳои андозсупорандагон таҳти назорати мақомоти андоз қарор доранд

с. 4

ҚАРЗ ЗИЛЛАТ АСТ

## ШАҲРВАНДОНЕ, КИ АЗ АНДОЗИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ҚАРЗДОРАНД

Рӯйхати соҳибмулконе, ки дар назди буҷет ба ҳолати 01.01.2019 аз андози молу мулки ғайриманқул қарздор мебошанд

с. 11

## Табрикоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Сада

**Ҳамватанони азиз!**

Ба шарофати Истиқлолияти давлатии кишвари маҳбубамон суннату анъанаҳои бостонӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ҷашнҳои миллии халқи куҳанбунёдамон эҳё гардида, имрӯз дар ҳаёти мардуми мо ҷойгоҳи арзишманд пайдо кардаанд.

Сада ҳамчун яке аз ҷашнҳои бостонии миллати тоҷик аз ҷумлаи ҳамин ойинҳои эҳёшудаи мо буда, дар ҳамаи манотиқи кишвар таҷлил карда мешавад.

Имрӯз, ки мо дар остонаи ҷашни Сада қарор дорем, ҳамаи ҳамватанони азизро ба ифтихори ин ойини деринаи мардумамон самимона табрик мегӯям.

Ниёгони мо панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯзро то ҷашни Наврӯз ҳисоб карда, Садаро таҷлил мекарданд. Яъне Сада ҷашни омодагӣ ба Наврӯз буда, ин ду ҷашни қадима бо ҳам тавъам мебошанд. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ сабаби Сада номгузорӣ шудани ин ҷашн низ дар ҳамин аст.

Гузаштагони мо ҷашни Садаро ҳамчун падидаи кашфи оташ низ таҷлил мекардаанд. Яке аз сабабҳои ситоиши ин ҷашн дар осори шоирону адибони маъруфи мо низ аз ҳамин иборат мебошад. Зеро оташ на танҳо гармӣ мебахшад, балки рамзи рӯшноӣ мебошад. Дар айёми Сада рӯзҳо торафт дароз ва шабҳо кӯтоҳ мешаванд.

Яъне аз ҳамин шабу рӯзҳо пирӯзии равшанӣ бар торикӣ ва некиву накӯкорӣ бар ҷаҳолату бадкирдорӣ оғоз мегардад, ки ин рамзҳо аз замонҳои хеле қадим ҳамчун ҷузъи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии мардуми мо пазируфта шудаанд.

Сада, ки аслан ҷашни деҳқонону кишоварзон мебошад, дар байни тоҷикон бо хусусиятҳои мардумиаш маҳбубияти хосса касб кардааст. Маҳз дар ҳамин айём марди деҳқон омодагиро ба фасли баҳор оғоз менамояд, аз пайи таъмиру тайёр намудани таҷҳизоти кишоварзӣ мешавад, нақшаи бунёди боғу токзор ва дигар корҳои баҳориро тарҳрезӣ мекунад. Дар рӯзҳои мусоиди омодагӣ ба ин ҷашн тоза кардани ҷӯю захбурҳо низ аз ҷумлаи корҳои зарурии кишоварзон мебошад.

Бовар дорам, ки кишоварзони асили мо дар баробари таҷлили ин ҷашн ба масъалаҳои сари вақт шурӯъ кардани корҳои саҳроӣ ва гузоштани заминаи мустаҳкам барои истеҳсоли маҳсулот таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд.

Аслан, ҷашни Сада ҷанбаи табиӣ дошта, мобайни зимистон — вақте сардии ҳаво паст шуда, имкони бо замин сару кор гирифтан муҳайё мешавад, фаро мерасад. Мардуми кишоварз ҳангоми ба ҷо овардани суннатҳои ин ҷашн бо шодиву хушҳолӣ омадани баҳорро интизор мешаванд ва орзу менамоянд, ки аз баракати ҷашни Сада баҳори пурфайз насибашон гардад.

Ойину таомулҳои Сада одамонро ба амалҳои хубу писандида, аз қабили ба ҳам сухани нек гуфтан, ҳамдигарро эҳтиром намудан, дар осоишу оромӣ умр ба сар бурдан, дар ҳама ҳолат шарики ҳамдигар будан, кори хайр кардан, заминро дӯст доштан, табиатро ҳифз кардан ва дигар кирдорҳои нек даъват мекунанд.

Яъне ҷавҳари Сада аз ҷанбаҳои инсонпарварона, дӯст доштани табиат ва расидан ба қадри обу замини диёр иборат мебошад.

Вобаста ба ин, ба олимону донишмандон зарур аст, ки паҳлуҳои наравшан ва аҳамияти ин ҷашнро омӯзанд, арзишҳои онро ба мардум, хусусан, ба наврасону ҷавонон ҳамчун мероси фарҳанги миллиамон ва омили худогоҳиву худшиносии наслҳо таблиғ намоянд.

Бахусус, дар шароити ҷаҳони бесуботу нооромн муосир ва равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки ба фарҳангу маънавиёти мо низ таъсири манфӣ расонида метавонад, омӯзиши суннату анъанаҳои миллӣ ва истифодаи онҳо ба хотири ҳифзи ҳувияти миллӣ ва манфиатҳои давлату миллат бисёр муҳим мебошад.

Ҳамчунин, зарур аст, ки суннатҳои ҷашни Сада барои тозаву озода нигоҳ доштани хонаву кошона, обод кардани маҳалли зист, сарсабзу хуррам гардонидани гулгашту хиёбонҳо, бунёди боғу токзорҳо ва боз ҳам пешрафтаву зебо гардонидани Ватани азизамон васеъ истифода шаванд.

Бори дигар ҳамаи шумо — ҳамдиёрони азизро ба муносибати ҷашни бостонии тоҷикон — Сада самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо саломативу хушбахтӣ, сулҳу субот ва файзу баракат орзу менамоям.

**Ҷашни Сада муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

## Усмоналӣ Усмонзода: «Соли 2018 Тоҷикистон 2 миллиарду 406 миллион кВт. соат неруи барқ содирот намуд»

Соли 2018 ҳаҷми умумии содироти неруи барқ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар мамлакатҳо 2 миллиарду 406 миллион кВт. соатро ташкил дод. Ин нуктаро Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмоналӣ Усмонзода 28 январ зимни нишасти матбуотии ин ниҳод баён дошт.

«Аз ин миқдор 926 миллион кВт. соат ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва 1 миллиарду 480 миллион кВт. соат ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон рост меояд», - гуфт номбурда.

Ба гуфтаи мавсуф, ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017-ум 1 миллиарду 138 миллион кВт. зиёд ва суръати афзоиш 1,9 маротиба бештар мебошад.

Бояд гуфт, ки бо ташаббус ва сиёсати созандаи роҳбарони ду кишвари ба ҳам дӯст даҳаи аввали моҳи апрели соли 2018 хати интиқоли барқ аз зеристгоҳи Регар (Тоҷикистон) ба зеристгоҳи Гулча (Ӯзбекистон) пайваст шуда, бо ҳамин интиқоли барқ аз Тоҷикистон ба Ӯзбекистон оғоз ёфт.

Мавриди зикр аст, ки тибқи дурнамои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 Тоҷикистон тасмим гирифтааст иқтидори энергетикии худро ба 10 ҳазор мегаватт баробар намояд. Ба иттилои Вазорати энергетика ва зихираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, айни замон бо ба кор даровардани агрегати нахустини Неругоҳи барқи обии «Роғун» ин нишондиҳанда тақрибан ба 6 ҳазор мегаватт расидааст.

Ёдовар мешавем, ки ҳоло иқтидори энергетикии Тоҷикистон хеле назаррас буда, дар як сол қариб 17 миллиард киловатт-соатро ташкил медиҳад. Яъне пас аз татбиқ гардидани лоиҳаи минтақавии интиқоли барқи «КАСА-1000» имкон пайдо мешавад, ки содироти барқ то ба 5-6 миллиард киловатт-соат расонида шавад.

## Дар Бонки миллии Тоҷикистон оид ба табодули таҷриба зимни идораи самараноки захираҳо мулоқот сурат гирифт

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев 28 январ дар Душанбе бо коршиноси молиявии Барномаи машваратӣ ва идораи захираҳои (RAMP) Бонки ҷаҳонӣ Бернард Мурира мулоқоти корӣ доир намуд. Дар ин хусус ба АМИТ «Ховар» аз Бонки миллии Тоҷикистон иттилоъ доданд.

Зимни мулоқот Ҷамолиддин Нуралиев ва Бернард Мурира оид ба татбиқи Барномаи машваратӣ ва идоракунии захираҳои (RAMP) Бонки ҷаҳонӣ барои Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати табодули таҷриба дар самти идоракунии самараноки захираҳо, баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисони ин бахш ибрози назар карданд. Зикр гардид, ки дар доираи даври аввали татбиқи Барномаи машваратӣ ва идораи захираҳои (RAMP) Бонки ҷаҳонӣ вохӯриҳо бо коршиносон, табодули таҷрибаи бонкҳои марказии узви ин барнома дар самти идоракунии захираҳои байналмилалӣ, иштирок дар машғулиятҳои омӯзишӣ дар такмили мутахассисон нақши зиёд дошт.

Ҷамолиддин Нуралиев таваҷҷуҳи Бернард Мурираро барои идомаи ҳамкорӣ дар сатҳи сифатан нав, яъне ба ҳайси узви комилҳуқуқи Барномаи машваратӣ ва идоракунии захираҳо (RAMP), ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ татбиқ мегардад, ҷалб намуд. Ҷамолиддин Нуралиев бахусус табодули таҷриба ва такмили ихтисоси мутахассисонро дар доираи методологияи муқаррар намудани сиёсати нархгузорӣ, сохтор ва стратегияи тарифҳо ба манфиати кор донист.

Коршиноси бахши молиявии Барномаи машваратӣ ва идораи захираҳо Бернард Мурира изҳор дошт, ки тайи чанд рӯзе, ки дар Тоҷикистон ба ҳайси машваратчӣ қарор дорад, аз даври аввали барнома натиҷагирӣ карда, барои идомаи ҳамкорӣ дар зинаи нав таклифу пешниҳодҳои худро манзур хоҳад кард. Бернард Мурира зикр кард, ки идома додани ҳамкорӣ ба ҳайси узви комилҳуқуқи Барномаи машваратӣ ва идоракунии захираҳо (RAMP), ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад, ба мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон имконияти дастрасӣ ба барномаҳои тахассусӣ оид ба тақсимот ва идораи захираҳоро хоҳад дод. Дар доираи кӯмаки техникии ин Барнома мутахассисон метавонанд аз таҷрибаи бонкҳои марказӣ ва коршиносону машваратчиёни Барнома оид ба идораи самараноки захираҳо такмили ихтисос кунанд.

Бояд зикр кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон ба Барномаи машваратӣ ва идораи захираҳо (RAMP), ки аз ҷониби Раёсати хазинадории Бонки ҷаҳонӣ татбиқ мегардад, моҳи майи соли 2016 дар доираи Барномаи заминавии хизматрасониҳои машваратии техникӣ шомил гаштааст.

## Дар маҳаллаи «Ҳаёти нав»-и Душанбе Маркази байналмилалии намоишгоҳҳо бунёд карда мешавад

Дар маҳаллаи «Ҳаёти нав»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Маркази байналмилалии намоишгоҳҳо бунёд карда мешавад. Дар ин бора Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмон Ҷамшед Аҳмадзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Ба гуфтаи номбурда, Маркази мазкур дорои ду толори калон хоҳад буд, ки масоҳати ҳар яки он 2 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Майдони умумии бинои намоишгоҳ 28 ҳазор метри мураббаъро ташкил дода, он бо инобати тамоми шароити мутобиқ ба замони муосир бунёд карда мешавад.

Лоиҳаи бино бо Ҳукумати мамлакат мувофиқа карда шуда, барои пайдо намудани сармоягузор ба идораҳои дахлдор пешниҳод карда шуд.

Бояд гуфт, ки дар доираи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе дар ин маҳалла бунёди биноҳои аз 35-40- ошёна боло дар назар дошта шудааст.

Тавре чанде қабл муовини сардори Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе Шодимурод Аловуддинов дар суҳбат бо мухбири АМИТ «Ховар» иттилоъ дод, дар ин мавзеъ бунёди даҳҳо биноҳои баландошёнаи маъмурӣ дар назар дошта шудааст.

# ҚАРОРИ

## Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 17 январи соли 2019, № 2 ш.Душанбе

### «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019»

(шакли кӯтоҳшуда)

**Чуноне ки қаблан иттилоъ дода будем, рӯзи 17 январи соли 2019 ҷаласаи васеи ҳайати Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар соли 2018, вазифаҳо барои соли 2019 баргузор гардид, ки аз натиҷаи он бо имзои Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори дахлдор (аз 17 январи соли 2019, №2) ба тасвиб расонида шуда, нуктаҳои асосии он пешниҳод мешавад.**

**Мушовара қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ қисми даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби андозҳои дохилӣ дар ҳаҷми 100,6% таъмин гардида, ба ҷойи 10 млрд. 460,7 млн. сомонӣ ба буҷети давлатӣ 10 млрд. 523,3 млн. сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 62,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад.**

**Ин нишондиҳанда дар соли 2018 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 110,5%, вилояти Хатлон – 100,6%, вилояти Суғд – 104,3% ва шаҳри Душанбе – 100,4% таъмин шуд.**

**Бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар фаъолияти мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини иҷрои нақшаи воридоти андозҳо дар соли 2019, заминагузорӣ барои фаъолияти бонизоми соҳа дар давраҳои минбаъда, Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори дахлдор қабул намуд, аз ҷумла:**

Мақомоти ҳудудии андоз:

- аз ҷониби ҳар як корманд иҷро гардидани уҳдадориҳои мансабиро тибқи принсипи ташкили функсионалии маъмурикунонии андоз, қатъан таъмин намоянд;

- барои дар доираи Стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, аз он ҷумла мутобиқи Стандартҳои мазкур гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон, пайваста чораҷӯӣ намоянд;

- бо мақсади кам намудани изофапулиҳо дар ҳисобварақаи андозсупорандагон, ба истисноӣ ҳолатҳои дар қонунгузории андоз пешбинигардида, аз андозсупорандагон пешпардохти маблағи андозҳоро талаб накунанд;

- фаъолияти субъектҳои бефаъолият ва андозсупорандагонеро, ки дар эъломияҳо даромадашонро ба таври сифрӣ нишон медиҳанд, зери назорати қатъӣ қарор дода, ҷиҳати кам намудани шумораи чунин субъектҳо пайваста чораҷӯӣ намоянд;

- тибқи мактуби дастурии Кумитаи андоз аз 17.11.2017, №15108/5.1 "Оид ба тартиб додани санади муқоисавӣ бо андозсупорандагон", ҷиҳати сари вақт ва дар мӯҳлатҳои муқарраршуда бо андозсупорандагон дуруст тартиб додани санади муқоисавӣ чораҷӯӣ намуда, аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ба Кумитаи андоз ҳар моҳ маълумот пешниҳод намоянд;

- дурустии маълумот оид ба шумораи коргарон, даромади дар шакли музди меҳнат ҳисобшуда ва музди миёнаи моҳона ва дар ин замина дарёфт намудани манбаъҳои иловагии андози иҷтимоиро зери назорати доимӣ қарор дода, ҷиҳати муайян намудани дурустии нишондиҳандаҳои дар эъломияи андози иҷтимоии аз ҷониби андозсупорандагон пешниҳодшуда ва ислоҳи номутобиқатии маълумоти дар он ҷойдошта, мунтазам чораҷӯӣ намоянд;

- пардохти сарибақтии маблағҳои дар рафти корҳои назоратӣ ошкоркардашударо ба буҷет таъмин намоянд;

- ба гузаронидани назорати камералӣ дар доираи муқаррароти қонунгузорӣ диққати махсус дода, барои дарёфти сарчашмаҳо ва манбаъҳои иловагии андоз бо дастрас намудани маълумоти гумрукӣ, оморӣ ва маълумот аз дигар манбаъҳо чораҷӯӣ карда, риояи пурраи тартиби гузаронидани назорати камералиро таъмин сохта, ҳисоботро ба барномаи СИА сари вақт ворид намоянд;

- иҷрои фармоиш ва талаботи дахлдор оид ба гузаронидани назорати камералиро ҳатман риоя намуда, ҳангоми ба расмият даровардани натиҷаи санҷиши ҳуҷҷатӣ ва назорати камералӣ, шакли муқарраршудаи намунаи санадҳоро ба таври ҳатмӣ риоя намоянд;

- ҳангоми гузаронидани санҷишҳои маҷмӯии ҳуҷҷатии андоз, ба мутобиқатии маълумоти барномаҳои СИА ва ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибию андозӣ диққати махсус диҳанд;

- пардохти сарибақтии маблағҳои дар рафти корҳои назоратӣ ошкоркардашударо ба буҷет таъмин намоянд;

- муроҷиати андозсупорандагонро оид ба қатъи фаъолият тибқи тартиби муқаррааргардида сари вақт баррасӣ намуда, ҳолатҳои сохтакорона қатъ намудани фаъолияти соҳибкориро пешгирӣ намоянд;

- барои таъмини нақшаи пешбинишудаи МНХ чораҷӯӣ намуда, муроҷиатҳои андозсупорандагонро оид ба бақайдгирии МНХ сари вақт баррасӣ намоянд ва назоратро аз болои тартиби истифодаи мошинҳои назоратӣ - хазинавии андозсупорандагон пурзӯр намоянд;

- аз барномаи СИА «Бақайдгирӣ ва назорати МНХ» дуруст истифода намуда, сабаб ва омилҳоеро, ки боиси истифода нашудани МНХ мегарданд, муайян намуда, дар сурати ҷой доштани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, нисбати субъектҳои соҳибкорие, ки аз МНХ истифода намекунанд, харидҳои назоратӣ гузаронанд;

- амрнома, санад ва кортҳои муоинаи хронометражиро тавассути Барномаи компютерии "Муоинаи хронометражӣ" омода намуда, натиҷаи муоинаи хронометражиро ҷиҳати ташкили махзани маълумот ба барномаи мазкур ворид намоянд;

- пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ, аз рӯи маълумоти мавҷуда, ҳолатҳои пурра нишон надодани даромади воқеии андозбандишавандаро муайян намуда, баъдан, дар фаъолияти чунин субъектҳо муоинаи хронометражӣ таъин намуда, натиҷагирӣ намоянд;

- ҷиҳати татбиқи дурусти муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои маъмурӣ ва истифодаи варақаҳои протокол ва қарорҳои ҳисоботашон қатъӣ, корро ҷоннок намуда, маълумотро оиди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ сари вақт дар барномаи СИА "Назорат оиди баҳсҳои андозӣ дар судҳо ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ" ворид намоянд;

- оиди рӯёнидани бақияи ҷаримаҳои маъмурии таъингардида сари вақт чораҷӯӣ намуда, аз натиҷаи он ба Кумитаи андоз ахборот манзур намояд;

- баҳсҳои андозии дар судҳои маҳаллӣ баррасишавандаро таҳти назорат қарор дода, аз натиҷаи онҳо ба Кумитаи андоз ҳатман маълумот пешниҳод намоянд. Зимнан ба инобат гирифта шавад, ки оғози парвандаҳои судӣ ва пешниҳоди аризаҳои даъвогӣ ба судҳо аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз бе мувофиқаи хаттии Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз манъ аст (ба истисноӣ ариза дар бораи рӯёнидани маблағи қарзи андоз аз ҳисоби молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ);

- раванди пешниҳоди эъломияи андоз аз фоидаро барои соли 2018 аз ҷониби андозсупорандагон зери назорати қатъӣ қарор дода, ҷиҳати дуруст ва пурра пешниҳод намудани эъломияи андози мазкур чораҷӯӣ намоянд;

- барои дар мӯҳлатҳои муқарраршуда аз тарафи ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз, пешгирии ҳолатҳои аз ҷониби андозсупорандагон бе асос пешниҳод намудани эъломияи сифрӣ чораҷӯӣ намоянд;

- дар самти муайян намудани манбаъҳои иловагии андозҳо аз истифодабарандагони сарватҳои табиӣ чораҳои қатъӣ андешида, бо андозсупорандагоне, ки аз ин намуди андоз қарздоранд, бевосита корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, аз натиҷаи корҳои дар ин самт анҷомдодашуда, пайваста ба роҳбарияти Кумитаи андоз маълумоти муфассал пешниҳод намоянд;

- фаъолиятро дар самти татбиқ ва ба расмият даровардани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ситонидани ҷаримаҳои таъингардида мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ба роҳ монда, корро дар ин самт пурзӯр намоянд;

- ҷиҳати пурра ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб намудани шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки эъломияҳои андозро дар мӯҳлатҳои муқарраршуда пешниҳод накардаанд, чораҳои мушаххас андешанд;

- нишондиҳандаҳоро оиди татбиқи моддаҳои 599 қ. 2, 614, 615, 620 ва 623 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар намуда, ситонидани бақияи маблағи ҷаримаҳои маъмуриро ба буҷет таъмин намоянд;

- баррасии баҳсҳои андозии дар судҳои умумӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла баҳсҳо оид ба муфлис эътироф намудани андозсупорандагонро дар мувофиқа бо Кумитаи андоз ба роҳ монда, нисбати баҳсҳо ба Кумитаи андоз сари вақт ва пурра маълумот пешниҳод намуда, ситонидани маблағи дар асоси ҳалномаҳои судӣ муқарраршударо ба буҷет таъмин намоянд;

- маълумоти дахлдори парвандаҳои маъмурии дар солҳои 2017-2018 таҳиягардидаро ба пуррагӣ ба барномаи СИА "Назорат оиди баҳсҳои андозӣ дар судҳо ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ" ворид намоянд;

- дар самти дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромади резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, ки дар соҳаҳои гуногун фаъолият менамоянд, корҳои таҳлиливу омӯзишӣ гузаронида, нисбати корхонаҳое, ки ҳангоми ҳисоб намудани андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ ба камбудӣ роҳ додаанд, корҳои назоратиро амалӣ намуда, вобаста ба ҳисоби андоз аз арзиши иловашудаи ғайрирезидентҳо корҳои иловагӣ гузаронанд.

**Ҳамзамон, барои нокифоя иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ ва назорати суст аз болои фаъолияти зердастон, дар сатҳи зарурӣ нагузаронидани корҳои назоратӣ, кам гардидани вазни қиёсии ҳисоб ва пардохти андозҳо, шумора ва музди меҳнати коргарони кироя субъектҳои хоҷагидор, зиёд гардидани шумораи андозсупорандагони бефаъолият ва пешниҳоди эъломияҳои сифрӣ, дар мӯҳлатҳои муайяншуда тартиб надодани санади муқоисавӣ бо андозсупорандагон, таъмин накардани иҷрои қарорҳои қаблан дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо қабулшуда, кам тартиб додани протоколҳои маъмурӣ, бенатиҷа ва ё бо натиҷаҳои паст гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ, пурра ба ҳисоб нагирифтани коргарони кироя бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалбгардида, ки боиси таъмин нашудани иҷрои нақшаи андозҳо ва пардохтҳо дар соли 2018 гардидааст ва ғайраҳо нисбат ба як қатор кормандони мақомоти андоз ҷазоҳои маъмурӣ дар шакли сарзаниш, танбеҳ ва танбеҳи қатъӣ эълон шуда, ба онҳо ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо мӯҳлатҳо муқаррар гардид.**

## Чораи таъсиррасон

**Вобаста ба таъмини иҷрои супоришҳои протоколии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пардохти бақияи қарзи андозҳо, пешгирии пайдоиши минбаъдаи онҳо ва иҷрои саривақтии дигар уҳдадориҳои андозӣ дар Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо иштироки роҳбарон ва сармуҳосибони корхонаҳои қарздоре, ки дар қайди Нозироти андоз дар ноҳияи Сино ҳастанд, семинар-машварат доир гардид.**

Сардори шуъбаи хизматрасонӣ бо андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Илҳом Муродҳусенов баромад намуда, нахуст аз аҳамияти Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат сухан кард. Ӯ таъкид намуд, ки мо бояд Паёмро сармашқи кори худ қарор дода, дар иҷрои уҳдадориҳоямон масъулиятшинос бошем.

Сипас, садори шуъбаи ситонидани қарзи андозҳои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Абубакр Хушвахтов суханронӣ намуд. Номбурда аз ҷумла қайд кард, ки дар баробари пешравию дастовардҳо баъзе мушкилоте ҳастанд, ки мақомоти андозро ба ташвиш овардааст. Яке аз ин проблемаҳо ин аст, ки аз ҷониби баъзе андозсупорандагон (шахсони ҳуқуқӣ) маблағи қарзи андозҳо сари вақт ва пурра ба буҷети давлатӣ пардохт намешаванд.

Масалан, бақияи қарзи андози ҶДММ «АСАШ» (ба ҳолати 1 январи соли 2019) ба 31,7 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Тиб Хизматрасон» 13,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Биносоз 2015» 78,9 ҳазор сомонӣ, КВД «Нашриёти ҳарби сарбоз» 14,1 ҳазор сомонӣ, КФ «Хизматрасон» 50 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Фирӯза 2010» 15,8 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Сабур сохтмон» 87,7 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Пурзӯр Сохтмон» 127,8 ҳазор сомонӣ, КВД «Варзишгоҳи марказӣ» 49,2 ҳазор сомонӣ ва РХХИ №12 13,9 ҳазор сомонӣ расидааст.

Дар ҷамъомад аз ҳамаи иштирокунандагон даъват ба амал оварда шуд, ки барои дар сатҳи баланд иҷро намудани уҳдадориҳои андозӣ саҳмгузор бошанд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

Дар асоси мактуби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.12.2018, №17925/13.3 вобаста ба дурустии ҳолатҳои дар муроҷиати шаҳрванд Адолат Узоқова, ки ба Бахши иттилоотии Кумитаи андоз ворид гардидааст, тибқи фармоиши сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо мақсади ба андозбандӣ ҷалб намудани шаҳрвандоне, ки манзилҳои истиқоматии худро ба иҷора додаанд, Гурӯҳи корӣ ба ноҳияи Фирдавсӣ сафарбар гардид.



# Иҷораи беқайди молу мулк

Дар робита ба ин, роҳбари Гурӯҳи корӣ - мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили андозбандии Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Э. Амонов гуфт, ки Гурӯҳи корӣ бо мақсади рафти таъмини иҷрои фармоиши сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе оиди пурра ба қайд гирифтан ва ба андозбандӣ ҷалб намудани шаҳрвандоне, ки манзилҳои истиқоматии худро ба иҷора додаанд, инчунин дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ дар кӯчаи Н. Қарабоеви ноҳияи Фирдавсӣ корҳои назоратӣ анҷом дод.

Ёдовар мешавем, ки шаҳрванд Адолат Узоқова дар муроҷиати худ ба Бахши иттилоотии Кумитаи андоз қайд менамояд, ки шаҳрвандони зиёд бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти ба иҷора додани манзилҳои истиқоматии худ машғул мебошанд. Гурӯҳи корӣ дар гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Н. Қарабоев биноҳои истиқоматии №7, 7/1, 7/2, 7/3, 7/4, 7/5 ва дар кӯчаи Н. Қарабоев биноҳои истиқоматии №24/1, 24/2, 24/, 24/4 - ро санҷиданд.

Зимни санҷиши амалиётӣ дар гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Н. Қарабоев, бинои истиқоматии №7, ки шаҳрванд Адолат Узоқова дар он истиқомат дорад, 12 нафар соҳибмулк манзилҳои истиқоматии худро ба шаҳрвандони алоҳида ба иҷора додаанд, ки маблағи иҷораи онҳо вобаста ба масоҳати баиҷорадодашуда дар як моҳ аз 250 то 1000 сомониро ташкил медиҳад. Дар рафти санҷиш муайян шуд, ки аз шумораи умумии шаҳрвандоне, ки молу мулки худро ба иҷора додаанд 11 нафар соҳибмулк дар нозироти андоз ҳамчун иҷорадиҳанда - супорандаи андоз аз даромад ба қайд гирифта шудаанд. Маблағи даромади онҳо аз ҳисоби иҷорапулӣ дар як моҳ, дар маҷмӯъ, 7600 сомониро ташкил медиҳад.

Ба иттилои манбаъ, Гурӯҳи корӣ илова бар он ҳолатҳои бе қайд дар нозироти андоз ба иҷора додани молу мулкро дар гузаргоҳҳои 3-юми кӯчаи Н. Қарабоев биноҳои истиқоматии №7/1, 7/2,7/3, 7/4, 7/5 ва биноҳои истиқоматии №24/1, 24/2, 24/, 24/4-и кӯчаи Н. Қарабоев 26 ҳолати ба иҷора додани манзилҳои истиқоматиро муайян намуд. Аз он 15 нафар соҳибмулк манзилҳои истиқоматии худро ба шаҳрвандон ба иҷора додаанд, ки даромади якмоҳаи онҳо 8750 сомониро ташкил медиҳад. Аз ин ҳисоб онҳо ҳар моҳ ба буҷет ба маблағи 1137 сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб ва пардохт менамоянд. Ҳамаи соҳибмулкон дар нозироти андоз ҳамчун супорандаи андоз аз даромад ба қайд гирифта шудаанд ва нусхаҳои шартномаҳои иҷора ба нозироти андоз пешниҳод шудааст.

Новобаста аз корҳои назоратии гузаронидашуда дар 11 ҳолати дигар иҷоранишинҳо, шартномаҳои иҷораро пешниҳод карда натавонистанд. Яъне бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти иҷорадиҳии молу мулк машғул буданд. Вобаста ба ин, ҷиҳати андозбандии минбаъда ба андозсупорандагон оиди дар қайди нозироти андоз гузоштан огоҳиномаҳо дода шуда, бо онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, ҳамчуни иҷорадиҳандаи молу мулк да Кумитаи андоз ба қайд гирифта шуда, дар фаъолияти онҳо ҷамъ ба маблағи 17,2 ҳазор сомонӣ ҳисоб ва ба буҷет пардохт гардид.

Ҳамзамон, аз тарафи Гурӯҳи корӣ дар кӯчаҳои тахти санҷиш қароргирифта ҳолатҳои аз тарафи шахсони воқеӣ ба иҷора додани амволи ғайриманқул барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шуд. Аз ҷумла дар таҳхонаи бинои 7/6-и гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Н. Қарабоев аз тарафи соҳибмулк - шахси воқеӣ Мавлуда Анварова нуқтаҳои фурӯши хӯрокворӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ ташкил шуда, ба 11 нафар соҳибкор ба иҷора дода шудааст. Соҳибмулк Мавлуда Анварова ҳамчун супорандаи андоз аз даромад дар нозироти андоз ба қайд гирифта шудааст. Масоҳати нуқтаҳои савдо аз 2 то 18 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Маблағи иҷора вобаста ба масоҳати ишғолшуда аз 150 то 500 сомонӣ дар як моҳ муайян шудааст. Аз ин ҳисоб даромади шахси воқеӣ Мавлуда Анварова дар як моҳ 2300 сомониро ташкил додааст. Ғайр аз ин, дар рафти амалиёти Гурӯҳи корӣ 6 нафар соҳибкор бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин гардидаанд.

Дар гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Н.Қарабоев 1/1 аз тарафи соҳибмулк - шахси воқеӣ 9 адад нуқтаи савдо ба 9 нафар соҳибкори инфиродӣ ба иҷора дода шудааст. Соҳибмулк Отабек Зиёев ҳамчун супорандаи андоз аз даромад дар нозироти андоз ба қайд гирифта шудааст. Масоҳати нуқтаҳои савдо аз 9 то 30 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Маблағи иҷора вобаста ба масоҳати ишғолкарда аз 350 то 1000 сомонӣ дар як моҳ муайян шудааст. Аз ин ҳисоб даромади Отабек Зиёев дар як моҳ 6600 сомониро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ҳудуди кӯчаи мазкур 2 нафар соҳибкор бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин гардидаанд ва ҳамчун андозсупоранда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуданд.

Ба ин монанд, дар гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Н. Қарабоев 26 аз тарафи соҳибмулк - шахси воқеӣ Саидумари Саидаброр 4 адад нуқтаи савдо ба 4 нафар соҳибкори инфиродӣ ба иҷора дода шудааст. Соҳибмулк Саидумари Саидаброр ҳамчун супорандаи андоз аз даромад дар нозироти андоз ба қайд гирифта шудааст. Масоҳати нуқтаҳои савдо 18 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Маблағи иҷора 540 сомонӣ дар як моҳ муайян шудааст. Аз тарафи нозироти андоз 1 нафар соҳибкор бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин гардид.

Ҳамин тариқ, Гурӯҳи корӣ ба ҳамаи шахсони воқеие, ки бе қайд дар мақомоти андоз ба соҳибкории ғайриқонунӣ машғул буданд, барои дар мақомоти андоз ҳамчун соҳибкор ба қайд гирифтан бо онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, нисбати онҳо барои роҳ додан ба қонуншиканиҳо протоколҳои маъмурӣ тартиб дод.

Натиҷаи фаъолияти Гурӯҳи корӣ нишон дод, ки ҳолатҳои дар муроҷиати шаҳрванд Адолат Узоқова дарҷгардида дар минтақаи тахти назорат қароргирифта қисман ҷой доранд. Дар маҷмӯъ, 38 ҳолати аз тарафи соҳибони манзилҳои истиқоматӣ ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул муайян шуд, ки дар 26 ҳолат соҳибони манзилҳои истиқоматӣ ҳамчун супорандаи андоз аз даромад дар Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ба қайд гирифта шудаанд. Дар 12 ҳолати дигар соҳибони манзилҳои истиқоматӣ дар нозироти андоз ба қайд гирифта нашудаанд.

**Хулоса, дар рафти гузаронидани амалиёти санҷишӣ аз ҷониби Гурӯҳи кории Кумитаи андоз 24 ҳолати ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ муайян гардид, ки ҳамаи соҳибмулкон ҳамчун супорандаи андоз аз даромад дар Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ба қайд гирифта шуда, андоз аз даромадро пардохт менамоянд. Аз 24 шахси ба соҳибкорӣ машғулгардида 10 нафар бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ таъмин шуданд.**

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Фаъолият таҳти назорат

**Мутобиқ ба талаботи моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи хронометражӣ шакли назоратии андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва хароҷоти воқеии вобаста ба фаъолияти барои гирифтани даромад равонашуда дар даврае, ки мавриди муоина қарор мегирад, анҷом дода мешавад.**

Дар ҷараёни гузаронидани муоинаи хронометражӣ мақомоти андоз масъалаҳои вобаста ба муоинаи объекти андозбандӣ ва ё объекти ба андозбандӣ алоқамандро мустақилона муайян менамоянд. Аз ин нуқтаи назар, ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, ба тариқи мушаххас муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ва ошкор намудани маблағҳои аз андоз пинҳонкарда мебошад.

Аз ҷониби кормандони мақомоти андоз гузаронида шудани амалиётҳои назоратӣ нишон медиҳанд, ки агар баъзе андозсупорандагон тасодуфан ба хато роҳ дода, боиси вайрон намудани талаботи қонунгузории андоз гарданд, баъзеи онҳо бо мақсади ба даст овардани даромад ба қонунвайронкуниҳо даст мезананд ва бо ин амали номатлуби хеш номи пуршарафи соҳибкорро доғдор месозанд. Маҳз барои гирифтани пеши роҳи чунин қонунвайронкуниҳо ва муайян намудани манбаи аслии даромади воқеии соҳибкорон мақомоти андоз зарур мешуморад, ки дар фаъолияти ин ва ё он андозсупоранда муоинаи хронометражӣ анҷом диҳад. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронметражӣ масъалаҳое мавриди муоина қарор мееёбанд, ки бевосита аз фаъолияти рӯзмарраи андозсупоранда вобаста буда, даромади ҳаррӯзаи ӯро мушаххас муайян менамоянд.

Чуноне сардори шуъбаи санҷишҳои Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор Шамсулло Султонов иброз намуд, дар соли 2018 дар натиҷаи санҷишҳои хронометражӣ нисбати 45 нафар соҳибкори инфиродӣ беш аз 750209 сомонӣ пинҳонкунии маблағҳои андоз ошкор шудааст, ки ин аз сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқии андосупорандагон шаҳодат медиҳад.



Масоҳати объекти андозбандишаванда ва шумораи зиёди мизоҷони ошхонаи миллии андозсупоранда Собирҷон Олимов диққати кормандони мақомоти ҳудудии андозро ба худ кашида, онҳо маблағи андози тибқи ҳисобот пешниҳодмешудаи мавсуф С. Олимовро дар манбаи пардохт мавриди омӯзиш қарор доданд. Зеро соҳибкор С. Олимов даромади умумии миёнаи худро дар ҳисобот дар як моҳ 50130 сомонӣ нишон дода, тибқи он андозҳои вобасташударо пардохт менамуду дар суҳбату вохӯриҳо бо кормандони андоз ҳамеша аз хусуси вазнинии маблағҳои андоз шикоят мекард. Ниҳоят кормандони андоз ба қароре омаданд, ки дар фаъолияти андозсупоранда С. Олимов муоинаи хронометражӣ гузаронида, манбаи андозбандишавандаи ӯро мушаххас муайян намоянд. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз маблағҳои дар хазинаи корхона мавҷудбуда, ҳуҷҷатҳои пулӣ, дафтарҳои муҳосибӣ, ҳисобот, сметаҳо, коғазҳои қиматнок, ҳисобҳо, эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба объекти андозбандӣ алоқаманд, ҳисоботи фискалии мошини назоратӣ-хазинавӣ ва шумораи кормандони кирояи воқеан истифодашаванда ба ҳисоб гирифта шуда, муайян гардид, ки даромади умумии андозсупоранда пас аз муоинаи хронометражӣ ба ҳисоби миёна дар як моҳ 82380 сомониро ташкил медиҳад, ки ин аз ҳисоботи қаблан пешниҳоднамудаи соҳибкор 32250 сомонӣ зиёд аст. Ҳамчунин дар ҷараёни санҷиши хронометражӣ сирри пинҳонии соҳибкор С. Олимов дар хусуси дар ҳисоботи андозии худ нишон надодани як нафар коргари кироя ошкор гардид, ки ин амали ӯ мутобиқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳозот карда шуд.

Мегӯянд: «Офтобро бо доман пӯшонида намешавад». Соҳибкори инфиродӣ Меҳринисо Каримова, ки ба истеҳсол ва фурӯши таомҳои миллӣ машғул буд, бо мақсади чигил кардани пардохти маблағи андоз ба мақомоти андоз дар хусуси суст будани савдо дар нуқтаи фурӯши худ ва зиёд будани маблағҳои андоз шикоят овард. Ӯ барои исботи даъвояш дар ҳисоботи ба мақомоти андоз пешниҳоднамудааш маълумоти мошини назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва Дафтари сабти маблағҳои нақдиро таҳрифкорона сабт намуд. Бехабар аз он ки фаъолияти ӯ таҳти назорати кормандони андоз қарор дораду рӯзе сирраш ошкор мешавад.

Муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ М. Каримова муайян намуд, ки қаблан ӯ дар ҳисобот даромади умумии хешро дар як моҳ 10 000 сомонӣ нишон додааст, ки даромади умумии ӯ дар як рӯз ба ҳисоби миёна 370 сомониро ташкил медиҳад. Ба ҷуз ин соҳибкор М. Каримова дар фаъолияти худ панҷ нафар коргари кирояро ба кор ҷалб намудааст, ки ҳар моҳ ба ҳар кадоми онҳо на камтар аз 800 – 1000 сомонӣ музди меҳнат медиҳад. Надоштани дониши хуби иқтисодӣ дар фаъолияти шахс натанҳо мушкилӣ эҷод мекунад, балки касро дар ҳар қадам пешпо медиҳад, М. Каримоваро маҳз ҳамин дониши пасти иқтисодиаш фиреб дод, зеро ҳангоми пешниҳоди ҳисобот ӯ ҳисоб кардани хароҷоти ҳармоҳаашро фаромӯш намуд. Ба гӯшаи хотираш ҳам наовард, ки рӯзе ҳамаи ин сохтакориҳо мавриди ҳисобу китоби кормандони андоз қарор меёбаду сирри ӯ фош мешавад. Ҳамин буд, ки ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ мутобиқи нишондоди МНХ дар рӯзи аввал маблағи савдо дар ошхонаи ӯ 2148 сомонӣ, дар рӯзи дуюм 2400 сомонӣ ва рӯзи сеюм 2093 сомониро ташкил дода, дар маҷмӯъ, маблағи савдои якмоҳаи ӯ 59778 сомонӣ муайян шуд. Маблағи дар рафти муоинаи хронометражӣ муқарраргардида нисбат ба маблағҳои қаблан дар ҳисоботи хеш нишондодаи М. Каримова 49778 сомонӣ зиёд буд. Аз ин рӯ, муқаррар шуд, ки соҳибкор бояд ҳар моҳ аз фаъолияти хеш ба маблағи 5079 сомонӣ малағҳои андозро пардохт намояд.

Муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ М. Бобоҷонов, Б. Шарифов, А. Мирзоев, З. Қулова, Ш. Тошев, Н. Ашӯров, С. Солиев, С. Абдуллоев, Б.Файзуллоев, С. Қурбонов, Р. Алиев, М. Неъматзода, Ф. Саидов ва Ф. Бобоҷонов низ гузаронида шуда, беш аз 284 ҳазор сомонӣ маблағҳои бариловаи андозро ошкор намуд, ки аз ин 182,6 ҳазор сомонии онро андози даромад аз шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ ташкил медиҳанд.

**М. ТАБАРЗОДА**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Франция скоро представит законопроект о налоге на доходы цифровых компаний

**Налог затронет цифровые компании, имеющие оборот свыше €750 млн по всему миру и €25 млн во Франции**

Правительство Франции в феврале представит проект закона о налогообложении крупнейших компаний, которые предоставляют цифровые услуги, заявил министр экономики и финансов Брюно Ле Мэр в интервью газете Le Journal du Dimanche, пишет ТАСС.

«Соответствующий законопроект будет представлен Совету министров к концу февраля», — сообщил Ле Мэр, отметив, что после этого документ будет в кратчайшие сроки передан на голосование в парламент. По его словам, налог «затронет все компании, предлагающие цифровые услуги и имеющие оборот более €750 млн по всему миру и €25 млн во Франции».

Он также отметил, что налогообложение таких цифровых гигантов, как Apple, Google, Facebook, является «вызовом 21-го века» и «вопросом справедливости».

Источник:
http://taxpravo.ru/international

# Таҳлили натиҷаҳо



**Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани фаъолият, сифатнок анҷом додани хизматрасониҳо ва ба даст овардани нишондиҳандаҳои баланд дар вилояти Хатлон аз шароиту имкониятҳои мавҷуда хуб истифода карда мешавад. Маҳз барои сари вақту босифат иҷро намудани нақшаи ҳамаи намуди андозҳо усулҳои ҷадиди корӣ роҳандозӣ мегарданд. Роҳбарияти Раёсати андоз дар вилояти Хатлон ҳамасола фаъолияти мақомоти андозро дар вилоят таҳлил менамоянд.**

Нақшаи воридоти андозҳо 1057410749 сомонӣ иҷро шуд, ки 101,8 фоизро ташкил медиҳад. Фарқияти иҷро аз рӯи нишондиҳанда нисбати соли 2017-ум 10681267 сомониро дар бар мегирад.

Андоз аз даромад 114,5 фоиз таъмин гардид, ки дар мувофиқа ба соли 2017-ум 14,5 фоиз зиёд мебошад. Ба ҳамин монанд андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дар соли 2017-ум 109 фоиз ва дар соли 2018-ум 142,6 фоиз иҷро шуд, ки 33,6 фоиз ва ё худ 11495191 сомонӣ барзиёд мебошад.

Бо вуҷуди он, ки андози иҷтимоӣ 97,3 фоиз таъмин гардид, вале нисбати соли 2017 – ум 3,3 фоиз зиёд мебошад. Андоз аз молу мулки ғайриманқул аз нақшаи пешбинишуда 2648384 сомонӣ барзиёд иҷро шудааст. Дар соли 2018-ум низоми махсуси андозбандӣ ба андозаи 788198 сомонӣ барзиёд иҷро гардид. Масъулони раёсати андози вилоят изҳор доштанд, ки андоз аз арзиши иловашуда нисбат ба соли 2017-ум аз нақша 5,3 фоиз кам иҷро шудааст, ки дар соли 2019 ба ин масъала диққати махсус равона хоҳад гашт.

Ба иттилои манбаъ, нақшаи андоз дар соли 2018-ум 124 миллиону 626 ҳазору 931 сомонӣ иҷро гардид. Метавон гуфт, ки андоз аз фоида 3056440 сомонӣ барзиёд таъмин шуд.

Коршиносон бар он назаранд, ки ҳар як амал ё фаъолияти санҷидашуда ва таҳлилдида дар оянда сифати беҳтарро касб карда метавонад. Зеро дар мавриди таҳлили амиқи кор ва натиҷаҳои гузашта камбудиву норасоиҳо ошкор мегарданд ва бо ислоҳи онҳо дар ҷодаи пешгирифта метавон муваффақтар гашт. Умед дорем, ки раёсати андози вилоят ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо дар ҷамъоварии ҳамаи намуди андозҳо, баландбардории маърифати андозии андозсупорандагон ва иҷрои вазифаву уҳдадориҳо дар соли 2019 ба комёбиҳо ноил мегарданд.

**С. РУСТАМ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Состояние 26 миллиардеров сравнялось с доходами 3,8 млрд человек

**При этом число миллиардеров в мире за последние 10 лет удвоилось и составило 2208 человек**

Количество миллиардеров в мире за последние 10 лет выросло вдвое, в 2018 г. оно составило 2208 человек. Каждый день их благосостояние растет на 12% или $2,5 млрд. При этом состояние 26 богатейших людей планеты сравнимо с доходами беднейшей половины человечества - 3,8 млрд человек. Об этом говорится в отчете благотворительной организации Oxfam, который подготовлен ко Всемирному экономическому форуму в Давосе, пишет газета Ведомости.

В 2017 г. пропорция выглядела иначе: 43 миллиардера против 3,7 млрд беднейших. С 2017 по 2018 гг. доходы бедной половины человечества упали на 11%. Каждый день они тратят менее $5,5. Прирост благосостояния богатых за год составил $900 млрд и в данный момент является рекордным за всю историю. Каждые два дня в мире появлялся новый миллиардер, сообщили эксперты Oxfam.

Сведения о доходах беднейшей половины человечества взята из книги данных Credit Suisse Wealth за период с июня 2017 г. по июнь 2018 г. Информация о состоянии богатых основаны на данных ежегодного списка миллиардеров Forbes и относятся к периоду с марта 2017 г. по март 2018 г.

**Источник: http://taxpravo.ru/international**

**Тибқи маълумоти ҷамъбастӣ дар соли 2018 иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар Нозироти андози шаҳри Гулистон, дар маҷмӯъ, ба андозаи 100,7% таъмин гардида, ба буҷети давлатӣ 144,9 млн. сомонӣ маблағ ворид шудааст. Маблағҳои воридгардида ба буҷети давлатӣ дар соли 2018 дар қиёси соли пеш 18,4 млн. сомонӣ ё худ 14,5% зиёд мебошад. Дар ин давра, ҳамчунин, нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 101,9% иҷро шуда, 38,9 млн. сомонӣ маблағи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ҷамъоварӣ гардидааст.**

# Пешравӣ ба назар мерасад



Иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки ҷамъоварии онҳо ба зиммаи Нозироти андоз дар шаҳри Гулистон вогузор шуда буд, дар соли 2018 ба андозаи 106,0% таъмин гардида, ба буҷети давлатӣ 21,3 млн. сомонӣ маблағ ворид шуд. Нақшаи ҳамаи 10-намуди андозҳо дар ин давра пурраву барзиёд таъмин гардид, - гуфт сардори Нозироти андози шаҳри Гулистон Маҷид Маҳмудов.

Яке аз нишондиҳандаҳои фаъолияти мақомоти андоз ин кам намудани бақияи қарзи андозҳо мебошад. Соли 2018 мутобиқи талаботи пешбининамудаи моддаҳои 72–78 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастури методӣ «Дар бораи тартиби маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо» аз ҷониби Нозироти андоз дар шаҳри Гулистон дар самти кам намудан ва ситонидани бақияи қарзи андозӣ чораҳои муайян амалӣ шудаанд. Давоми соли сипаришуда ба андозсупорандагони бақияи қарздошта ба маблағи 1412,7 ҳазор сомонӣ барои пардохти бақияи қарзи андоз 59 адад огоҳинома ирсол карда шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 303,3 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳо ворид гардидааст. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда ба санаи 1-уми январи соли 2019 нисбат ба аввали соли 2018 шумораи андозсупорандагони бақияи қарзи андоздошта 6 адад ва бақияи қарзи андозҳо 19,1 ҳазор сомонӣ кам гаштааст.

Дар соли 2018 нисбати андозсупорандагони қарздор аз ҷониби Раёсати андоз дар вилояти Суғд 18 адад қарор ба маблағи умумии 663,6 ҳазор сомонӣ қабул шуда, 14 адади он пурра иҷро гардид. Аз ҳисоби қарорҳои иҷрошуда ба буҷет 240,2 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳо ворид гардидааст.

Таҳлилҳо дар самти татбиқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор сохт, ки дар соли 2018 аз ҷониби кормандони нозироти андоз нисбати 235 андозсупорандае, ки ба қонунвайронкунии андоз роҳ додаанд, парвандаҳои маъмурӣ оғоз шуда, ба маблағи 124,0 ҳазор сомонӣ ҷарима татбиқ гардидааст, аз он 105,5 ҳазор сомониаш ба ҳисоби буҷет рӯёнида шудааст.

Манбаи асосии таъмин намудани иҷрои нақшаи даромадҳои буҷет маблағҳои ҳисобшудаи андозсупорандагони дар қайдбуда мебошад. Таҳлили маблағҳои ҳисобшуда ва пардохташудаи шахсони ҳуқуқиаи дар қайди нозироти андозбуда, мувофиқи маълумоти барномаи компютерии СИА нишон дод, ки дар соли 2018 маблағи умумии андозҳои ҳисобшудаи шахсони ҳуқуқӣ (бе дарназардошти вохидҳои алоҳида) 6705,7 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 1642,1 ҳазор сомонӣ зиёд гаштааст. Мутобиқи барномаи СИА соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар нозироти андози шаҳр айни замон 200 ададро ташкил дода, аз он 155 адад эъломия пешниҳод менамоянд, ки 78%-ро ташкил медиҳад. Дар соли 2018 маблағи умумии андозҳои ҳисобкардашудаи соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ҳамагӣ 2149,1 хазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 289,2 хазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар асоси маълумоти бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба санаи 1-уми январи соли 2019 дар Нозироти андози шаҳри Гулистон 638 нафар соҳибкори инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд ба қайд гирифта шудаанд. Маблағи патент дар соли 2018 дар ҳаҷми 101,2% таъмин шуд.

Дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №210 оид ба мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ соли 2018 дар фаъолияти андозсупорандагони шаҳри Гулистон 49 адад МНХ насб шудаанд, ки 102,1%-и нақшаро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, оид ба истифодаи МНХ дар фаъолияти 24 адад андозсупоранда хариди назоратӣ гузаронида, ба маблағи 48000 сомонӣ ҷарима шуд. Маблағи ҷаримаҳои татбиқшуда пурра ба буҷети ҷумҳуриявӣ пардохт гардид.

- Барои дарёфти маблағҳои иловагии андоз аз ҷониби кормандони нозироти андоз парвандаҳои андозсупорандагон бо маълумоти омор ва гумрук муқоиса гардид, назорат ва таҳлили он гузаронида мешавад, - таъкид дошт Маҷид Маҳмудов.

- Ҳамин тавр, соли 2018 дар фаъолияти 86 адад андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида ва 455941 сомонӣ маблағҳои бариловаи андоз ҳисоб шуданд. Дар натиҷа, аз ин ҳисоб, аз ҷониби андозсупорандагон ба буҷети давлатӣ 309825 сомонӣ маблағи андозҳо ворид гардид.

Дар асоси нақшаи тасдиқнамудаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони нозироти андоз дар давоми соли 2018 дар ҳудуди шаҳри Гулистон ҳамагӣ 12 адад санҷиши амалиётӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа, 188435 сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб, 26 адад андозсупоранда бо МНХ таъмин, 76 адад протоколи маъмурӣ тартиб дода шудааст. Инчунин, аз ҷониби кормандони нозироти андоз дар фаъолияти 22 адад андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шуда, манбаи андозбандишавандаи онҳо дар як моҳ ба маблағи 274741 сомонӣ зиёд карда шуда, 20 адад протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 36000 сомонӣ тартиб дода шуд.

Бино ба гуфти сардори Нозироти андози шаҳри Гулистон Маҷид Маҳмудов кормандони мақомоти андоз тамоми таҷриба ва кӯшишу ғайрати худро баҳри иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузоштašуда равона намуда, тасмим гирифтаанд иҷрои нақшаи ҳармоҳаро низ бо нишондиҳандаҳои назаррас ҷамъбаст намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Вазъи маъмурикунонии андози ягона

**Тартиби андозбандии низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона), низоми махсус барои андозбандии субъектҳое мебошад, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бе коркарди минбаъда амалӣ менамоянд. Андози ягона аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзие истифода мешавад, ки барои онҳо замин воситаи асосии фаъолияти соҳибкорӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.**

Тибқи маълумоти ҷамъбастӣ дар соли 2018 қисми даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба маблағи 45456,3 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардида, иҷрои он маблағи 45633,4 ҳазор сомонӣ ё худ 100,4 фоизро ташкил дод. Аз ин ҳисоб нисбати нақшаи пешбинигардида ба буҷет 177,0 ҳазор сомонӣ зиёд андоз ворид гардид.

- Дар маҷмӯъ қисми даромади буҷет иҷро гардида бошад ҳам, мутаассифона, баъзе аз нозиротҳои андози ноҳияҳои вилоят аз уҳдаи иҷрои нақшаи андози ягона баромада натавонистанд, - мегӯяд муовини сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд Сулҳия Алимзода. Дар натиҷа, ба буҷет ба маблағи 2308,2 ҳазор сомонӣ андоз кам ворид гардид.

Тибқи маълумоти дастрасшуда аз барномаҳои компютерии мақомоти андоз ба ҳолати 1-уми январи соли 2019 дар миқёси вилояти Суғд, дар маҷмӯъ, шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ 61 ҳазору 661 адад (бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ 60 ҳазору 378 адад ва бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ 1285 адад)-ро ташкил менамояд. Дар асоси маълумотномаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ дар муқоиса бо маълумоти мақомоти андоз тафовути он ба миқдори 5007 (61661-66668) адад хоҷагиҳои деҳқонӣ кам мебошад, ки ба 7,5 фоиз баробар аст.

Бояд қайд намуд, ки то ин дам 59 ҳазору 109 адад хоҷагии деҳқонӣ эъломияи андози ягонаро барои соли 2018 ба мақомоти андоз пешниҳод намудаанд, ки аз ин 1159 адад шахси ҳуқуқӣ ва 57950 адади дигар бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ мебошанд. Маблағи ҳисобшудаи андози ягона 36389,6 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла маблағи 10040,7 ҳазор сомонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва маблағи 26348,9 ҳазор сомонӣ бе таъсиси шахсони ҳуқуқӣ рост меояд. Хоҷагиҳои деҳқоние, ки барои соли 2018 эъломияи андози ягонаро ба мақомоти андоз пешниҳод накардаанд, 437 адад буда, ба нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 78 адад, Деваштич 12 адад, Мастчоҳ 58 адад, Панҷакент 62 адад, Ҷаббор Расулов 61 адад, Истаравшан 39 адад, Бобоҷон Ғафуров 113 адад мансубанд.

Бояд зикр намуд, ки солҳои охир аз ҳисоби таҷдиди хоҷагиҳои калонҳаҷм ташкил шудани хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ босуръат идома дошта, боиси зиёд шудани шумораи чунин гурӯҳи андозсупорандагон гашта, бақайдгирии саривақии онҳоро мураккаб сохта истодааст. Масалан, таҳлилу омӯзишҳо ва корҳои назоратӣ, ки аз ҷониби Гурӯҳи корӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров сурат гирифт нишон дод, ки дар аксар вақт таҷдиди хоҷагиҳои



деҳқонии калонҳаҷм бо мусоидат ва дар доираи барномаҳои ғайридавлатӣ (Марказҳои кадастрӣ) дар якҷоягӣ бо мақомоти идораи замин сурат гирифта, дар як қатор ҳолатҳо аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз мақоми худ ва уҳдадориҳои андозашон пурра огоҳ нестанд, аммо хоҷагиҳои зикргардида то ҳол дар тавозуни замини шаҳр мавҷуд буда, сабаби зиёд гардидани шумораи хоҷагиҳои беқайд гардида истодааст. Гурӯҳи кории мазкур дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.11.2018 дар ҳайати кормандони Кумитаи андоз ва Раёсати андоз дар вилояти Суғд ҷиҳати бақайдгирӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани иҷорадиҳандагони объектҳои молу мулки ғайриманқул, иҷораи қитъаҳои замини таъиноти кишоварзидошта, инчунин дурустии ҳисобу пардохти андозҳо таъсис дода шуда, аз 15.11.2018 то 04.12.2018 ба Нозироти андоз дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров сафарбар гардид.

Гурӯҳи корӣ дар ин муддат фаъолияти 24 соҳибмулки нуқтаи савдо ва хизматрасонӣ ва хоҷагиҳои деҳқониро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, дар фаъолияти онҳо ҷамъ ба маблағи 137556 сомонӣ андозҳои иловагӣ (аз ҷумла, андоз аз даромад, андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андози ягона)-ро ошкор намуда, пардохти 114156 сомонии онро ба буҷет таъмин кард. Нисбати 8 нафар шахси воқеӣ барои дар муҳлати муқаррргардида пешниҳод накардани эъломияи андоз аз даромад ва дар доираи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъ ба маблағи 2600 сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ гардиданд. Ҳамзамон, соҳибмулконе, ки дар давраи солҳои 2017 эъломияҳои андоз аз даромадро аз ҳисоби ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул пешниҳод накарда буданд, дар нозироти андоз барқарор карда шуданд. Ҳангоми амалӣ намудани назорати андозӣ 8 ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз аз тарафи шахсони воқеӣ ба иҷора додани моли молу мулки ғайриманқул ошкор гардида, минбаъд онҳоро ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулк дар нозироти андоз расман ба қайд гирифтанд.

**Бо мақсади назорати минбаъда, пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани фаъолияти иҷорадиҳии қитъаҳои замин ва ташкили махзани ягонаи иҷорадиҳандагон ва иҷорагирони қитъаҳои замин, инчунин, барои ворид намудани аризаи баҳисобгирии онҳо дар барномаи компютерии СИА рӯйхат ва дигар маълумоти зарурии 1584 нафар шахсе, ки қитъаҳои замини хоҷагиҳои калонро ба иҷора гирифта, ба фаъолияти кишоварзӣ машғул мебошанд, ҷамъоварӣ шуда, барои ба барнома ворид намудан омода шудаанд.**

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Еврокомиссию беспокоит продажа некоторыми странами ЕС паспортов богатым иностранцам

**Это может привести к преступлениям, которые связаны с отмыванием денег, коррупцией и уклонением от уплаты налогов**

Еврокомиссия (ЕК) сообщила, что практика ряда стран ЕС продавать гражданство или вид на жительство состоятельным иностранцам может привести к преступлениям, которые связаны с отмыванием денег, коррупцией и уклонением от уплаты налогов. В Еврокомиссии считают, что получатель гражданства может быть законопослушным, но существуют определенные риски, пишет газета «Коммерсантъ» со ссылкой на агентство Reuters.

Документ, в котором ЕК предупреждает о них, будет опубликованы завтра, 23 января. С ним ознакомилось агентство. В частности, речь идет о Мальте, Кипре и Болгарии, где богатый иностранец может купить паспорт после перечисления значительных инвестиций. При этом происхождение средств может не проверяться должным образом.

Напомним, граждане РФ стали совершать больше сделок по покупке иностранного жилья, рассматривая его в качестве выгодной инвестиции. Спрос на недвижимость в Европе с их стороны с начала 2019 г. увеличился на 12%. Особой популярностью пользовалось жилье на




Кипре и Мальте. Это связывают с действующими на островах паспортными программами.

**Источник: http://taxpravo.ru/international**

# Пешниҳоди эъломияҳои андоз

**Таъмин нагардидани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷет ва пурра ба андозбандӣ ҷалб нашудани даромади воқеии андозсупорандагон ба пешниҳод нагардидани эъломияҳои андоз, пешниҳоди эъломияҳои сифрӣ ва эъломияҳое, ки дар онҳо даромадҳои ночиз нишон дода мешаванд, боис мешаванд.**



Дар соли 2018-ум 9955 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе эъломияҳои андозии худро бо нишон додани даромад то 100,0 ҳазор сомонӣ пешниҳод намудаанд. Дар ҳамин давраи соли 2017 ин нишондиҳанда 9508 адад ташкил медод. Ин нишондод аз ҳисоби соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолиятдошта дар ноҳияҳои Шоҳмансур 58,1 фоиз, Исмоили Сомонӣ 62,4 фоиз, Фирдавсӣ 63,9 фоиз ва Сино 54,7 фоиз, инчунин шахсони ҳуқуқии ноҳияҳои Шоҳмансур 45,7 фоиз, Исмоили Сомонӣ 43,8 фоиз, Фирдавсӣ 50,9 фоиз, Сино 49,1 фоизро ташкил медиҳад.

Барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияҳои андоз дар соли 2018 тибқи талаботи қисмҳои 1-3 моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1389 андозсупоранда ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданд, ки дар маҷмӯъ 24,1 фоизи шумораи андозсупорандагонеро, ки эъломияи андозро пешниҳод накардаанд, ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур нисбати 286 андозсупоранда, Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ нисбати 319 андозсупоранда, Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ нисбати 212 андозсупоранда ва Нозироти андоз дар ноҳияи Сино нисбати 565 андозсупорандае, ки эъломияи андозро пешниҳод накардаанд, протоколҳо тартиб дода шуданд.

Бинобар ин, нозиротҳои андозро зарур аст, ки аз тамоми имкониятҳо истифода карда, дар ин самт ҷораҳои таъхирнопазир андешанд, зеро тавре гуфта мешавад, масъалаи мазкур дар таъмини иҷрои нақшаи андозҳо таъсир мерасонад.

**М. ҶУМЪА**

**Нозироти андоз дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018»-ро пурра таъмин намуд. Ба ҷойи 22942,0 ҳазор сомонӣ ба буҷети давлатӣ 23058,8 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинигардида 116,8 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.**

# Бақияи қарзи андоз кам мешавад



Тавре муовини сардори Нозироти андози ноҳияи Ҳамадонӣ Абдуҷалил Раҳимов гуфт, дар соли 2018 нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилотҳои буҷетӣ ба андозаи 100,3 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 6437,8 ҳазор сомонӣ ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 6460,3 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбати нақшаи пешбинигардида 22,5 ҳазор сомонӣ зиёд аст. Дар ин давра кормандони нозироти андози ноҳия ба масъалаи бақияпулиҳои қарзи андоз низ диққати аввалиндараҷа дода, дар соли сипаригардида як қатор корҳоро ба анҷом расониданд. Бақияи қарзи андоз дар ин ноҳия ба ҳолати 1-уми декабри соли 2018, дар маҷмӯъ, 9 млн. 006,7 ҳазор сомониро дар бар мегирифт. Дар натиҷаи дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни андозсупорандагони қарздор маблағи 246,0 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби бақия кам карда шуд.

Феълан, дар ноҳия нақшаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ба андозаи 102,4 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 131,3 ҳазор сомонӣ ба буҷети давлатӣ 134,8 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақша 3,5 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Айни ҳол дар ноҳия 709 нафар соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда амал мекунанд, ки аз ҳисоби онҳо дар ин давра 1 млн. 616,2 ҳазор сомонӣ ба буҷети ҷумҳурӣ ворид гардидааст.

А. Раҳимов ҳамчунин қайд кард, ки бо мақсади кам кардани бақияи қарзи андозҳо дар соли 2018 ба 608 нафар андозсупоранда ба маблағи 9394,9 ҳазор сомонӣ огоҳинома дода шудааст, ки аз маблағи зикршуда ба буҷети давлатӣ 5680,2 ҳазор сомониаш пурра ворид гардидааст. Барои вайрон кардани талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон соли сипаришуда нисбати 124 нафар андозсупоранда ба маблағи 190,4 ҳазор сомонӣ ҷарима татбиқ шудааст ва аз ин маблағ 44,9 ҳазор сомониаш ворид буҷет гардидааст.

Кормандони нозироти андози ноҳия дар соли 2018 ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ нисбати 12 нафар андозсупоранда барои ба таври дуруст истифода накардани МНХ тибқи талаботи моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколҳои маъмурӣ тартиб дода, ҷарима намуданд. Дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар фаъолияти 17 нафар соҳибкор ва шахси ҳуқуқӣ маблағи 55,4 ҳазор сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардиданд. Маблағи ошкоршуда рӯёнида, пурра ба буҷет пардохт гардид.

Дар ин давра дар фаъолияти 147 нафар андозсупоранда санҷишҳои амалиётии андоз гузаронида шудааст. Дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳо 65 ҳазор сомонӣ андозҳои барилова ҳисоб шуда, он пурра ба буҷет пардохт гардидааст. Ҳамчунин, нисбати 36 нафар андозсупоранда ба маблағи 58,3 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб доданд. Кормандони нозироти андоз дар соли 2018 дар фаъолияти 68 нафар андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида, 267,7 ҳазор сомонӣ маблағи барзиёдро ошкор намудаанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, шаҳри Кӯлоб**

# Вазъи бақайдгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул

**Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.04.2017, №192 бо мақсади пурра ва дар сатҳи зарурӣ гузаронидани баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаи нақлиёти шахсони воқеӣ, дохил намудани маълумот дар барномаи компютерӣ ва инчунин, ислоҳи камбудиҳои дар барнома ҷойдошта, бақайдгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул дар шаҳру ноҳияҳои кишвар идома дорад.**

Тибқи махзани маълумоти барномаи компютерии СИА “Баҳисобгирии андозҳо-шахсони воқеӣ” (тафсири 3) дар шаҳри Душанбе ба ҳолати 1 –уми октябри соли 2017 – ум 145193 супорандаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин ба қайд гирифта шудааст. Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2018 нисбати 143,9 ҳазор адад хоҷагии он азнавбақайдгирӣ гузаронида шудааст, ки 99 фоизи шумораи умумии хоҷагиҳоро ташкил медиҳад. Аз 143,9 хазор адади бақайдгирифташуда дар ҳамин давра 131555 адади он дар барномаи компютерии СИА “Баҳисобгирии андозҳо-шахсони воқеӣ” (тафсири 3) дохил шудааст.



Инчунин, аз тарафи гурӯҳҳои кории таъсисдодашуда ба ҳолати 31- уми декабри соли 2018, дар маҷмӯъ, аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ 2892,0 ҳазор $м^2$ масоҳати амвол ва 3353,6 ҳазор $м^2$ қитъаҳои замин илова ошкор шудааст, ки дар маҷмӯъ, маблағҳои ҳисобшудаи онҳо 10722,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки аз он 10016,3 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст.

Ёдрас мешавем, ки ба объектҳои ғайриманқул бошад биноҳо, иморатҳо ва молу мулки дигари ба замин мустаҳкам насбгардида, яъне объектҳое, ки ҷойивазкуниашон бе расонидани зарари моддӣ ба онҳо ғайриимкон аст, дохил мегардад.

Объекти андозбандии андози замин заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин бо дарназардошти сифат, баҳои кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаи замин мебошанд, ки мансубияти онҳоро қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**М. ҶУМЪА**

# Такмилу тақвияти табодули маълумот

## Гузориш аз ҷаласаи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар ҷаласаи кории назди муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода, ки чанде пеш доир гардид, масъалаҳои рафти иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ” аз 31 декабри соли 2014, №815 ва Созишномаи ҳамкорӣ дар самти табодули электронии маълумот оид ба дастрасӣ ба маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда баррасӣ шуданд.**

Дар ҷаласа сардорони як қатор раёсатҳо ва шуъбаҳои раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ ва Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон иштирок доштанд.

Ҷаласаро муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода ифтитоҳ намуд. Номбурда нахуст аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат ёдовар шуда, гуфт, ки дар назардошти пешниҳоди паёмии Роҳбари давлат дар бораи амалӣ кардани “300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ” ва иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ” аз 31 декабри соли 2014, №815 зарурати такмил додан ва тақвият бахшидан ба додугирифти маълумот байни мақомоти андоз ва низоми бонкии кишвар ба миён омадааст.

Мавсуф қайд кард, ки иҷрои талаботи бандҳои 5, 6 ва 7-и қарори зикршуда аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардида истодаанд. На ҳамаи андозсупорандаҳое, ки барои гирифтани таҷҳизоти электронӣ (POS- терминалҳо) ба ташкилотҳои қарзӣ муроҷиат кардаанд, сари вақт бо таҷҳизоти мазкур таъмин шудаанд. Дар дигар ҳолат, аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ амалиётҳои ба воситаи POS- терминалҳои дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ насбшуда, ба истиснои чанд ташкилоти қарзӣ, дар муҳлати пешбинигардида ба Кумитаи андоз пешниҳод нашудаанд. Ин дар ҳолест, ки тибқи талаботи банди 7-и қарори мазкур ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд амалиётҳои тавассути терминалҳои пардохти бонкӣ иҷрошударо ҳар моҳ ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

-Яке аз сабабҳои пурра истифода нашудани POS-терминалҳо ва дар сатҳи дахлдор таъмин нагардидани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31.12.2014, №815) ин аз ҳисоби дорандагони корт ва ё субъектҳои хоҷагидор ҳангоми анҷом додани амалиёт бо истифода аз терминалҳои пардохт ситонидани ҳаққи хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад ва бояд гуфт, ки муштариён ва субъектҳои хоҷагидор барои анҷом додани чунин амалиёт чандон ҳавасманд нестанд,- зикр шуд дар ҷаласа.- Баъзе аз субъектҳои соҳибкорӣ, барои он ки муҷозот нашаванд, ҳарчанд таҷҳизоти мазкурро харидаанд, вале онро ба таври бояду шояд истифода намекунанд. Ин аст, ки дар бораи амалиётҳои ғайринақдии анҷомдодаи онҳо дар мақомоти андоз маълумоти кофӣ мавҷуд нест.

Сипас, бо дарназардошти ҳолатҳои ҷойдошта ва бо мақсади таъмини иҷрои талаботи қарори зикршудаи Ҳукумат, самаранокии фаъолият, назорати дуруст оид ба истифодаи ҳамарӯзаи таҷҳизоти бонкӣ аз тарафи андозсупорандаҳо ва барои минбаъд аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ пешниҳод шудани маълумот бо истифода аз модулҳои барномаҳои компютерӣ муовини якуми Раиси Кумитаи андоз А. Солеҳзода таклиф пешниҳод намуд.

Зимни баррасии масъалаи мазкур муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Х. Машрабзода қайд кард, ки дар айни замон дар мамлакат дар фаъолияти зиёда аз 3200 адад субъекти соҳибкорӣ POS- терминалҳои бонкӣ насб шудаанд, ки аз ин шумора, алҳол, ҳамагӣ дар 26 фоизашон амалиётҳо дар шакли ғайринақдӣ анҷом дода шудааст ва халос.

Вобаста ба ин, дар ҷаласа қайд шуд, ки ташкилотҳои қарзӣ барои истифода накардани POS-терминалҳои пардохт ваколати дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор татбиқ намудани ҷаримаҳои маъмуриро надоранд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод шуд, ки дар навбати аввал, истифода ва таъмини таҷҳизоти бонкӣ дар фаъолияти андозсупорандаҳо дар доираи гурӯҳҳои кории муштарак дар маҳалҳо тахти санҷиш қарор дода шаванд.

Таъсиси гурӯҳҳои кории муштаракро қобили дастгирӣ донистанд. Гуфтанд, ҳарчанд дар доираи гурӯҳҳои корӣ тахти назорати пурра қарор додани таҷҳизоти мазкур ғайриимкон аст, аммо дар ҳар сурат, барои назорати минбаъдаи рафти истифодабарӣ ва ҳаҷми амалиёти ғайринақдии анҷомдода аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор интиқоли маълумот дар шакли электронӣ ба мақомоти андоз самаранокии корро дар ин самт беҳтар хоҳад кард.

Дар ҷаласа, инчунин, бо мақсади рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ пешниҳод шуд, ки бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ барои давраҳои муайян бояд аз гирифтани ҳаққи хизматрасонӣ аз ҳисоби дорандагони корт ва субъектҳои хоҷагидор, ки амалиётҳои ғайринақдӣ анҷом медиҳанд, муваққатан худдорӣ кунанд. Ҳамзамон, барои кам кардани ҳаҷми пули нақд дар муомилот шаҳрвандон ва андозсупорандагон бояд ҳавасманд шаванд.

Доир ба мушкилиҳои ҷойдошта дар масъалаи вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохти бонкӣ ва иҷрои талаботи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №815 ва аз 30 ноябри соли 2018, №565 намояндагони бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ сухан гуфтанд. Аз ҷумла, онҳо қайд карданд, ки дар айни замон POS- терминалҳои бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дар марказҳои калони кишвар гузошта шудаанд, аммо амалиётҳои анҷомдода тавассути чунин таҷҳизот ниҳоят каманд. Андозсупорандаҳои хурд дар бораи POS- терминалҳо ва тарзи истифодаи он ҳатто маълумоти кофӣ надоранд.

Дар рафти ҷаласа сардори шуъбаи рушди маъмурикунонии андози Кумитаи андоз С. Вазиров аз аҳамияти амали ҳисоббаробакунии ғайринақдӣ ва истифода аз таҷрибаи давлатҳои хориҷа дар ин самт сухан кард. Ӯ гуфт, ки ҳоли ҳозир аз ҷониби андозсупорандаҳо вобаста ба амалиёти дар шакли ғайринақдӣ анҷомёфта маълумот ба мақомоти андоз дастрас нест. Аз ин рӯ, мақомоти андоз, дар навбати худ, ба иллати мавҷуд набудани маълумоти зарурӣ, наметавонад назорати истифодабарии POS-терминалҳоро дар сатҳи зарурӣ анҷом бидиҳад.

Дар мавриди мувофиқи мақсад будани ташкили табодули маълумоти электронӣ байни мақомоти андоз ва ташкилотҳои молиявӣ пешниҳод шуд, ки чиҳати ҳавасманд намудан ва кам кардани ҳаҷми пули нақд дар муомилот барои дорандагони корт ва субъектҳои хоҷагидор имтиёзҳои алоҳида ва сабукиҳо муқаррар гардад.

Дар робита ба масъалаи баррасишуда директори Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон З. Фатҳиддинова изҳор кард, ки дар ҳақиқат, алҳол, бозори ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Тоҷикистон ба дараҷаи зарурӣ рушд накардааст. Аз ин рӯ, хуб мешуд бо шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор оид ба истифодаи POS- терминалҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шаванд, то ки онҳо дар ин самт тасаввурот пайдо намоянд.

Дар ҷараёни ҷаласаи корӣ, ҳамчунин, бо мақсади рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ чанд пешниҳоди дигар манзур гардид. Аз ҷумла пешниҳод шуд, ки воридоти POS-терминалҳо аз пардохти андоз ва боҷи гумрукӣ озод шаванд; ҷиҳати рушд намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ аз пардохти андозҳо ҳангоми амалиёти ғайринақдӣ ба андозсупорандаҳо имтиёзҳои иловагии андозӣ пешбинӣ шавад; бо мақсади аз байн бурдани рақобати носолим ҳангоми амалиёти ғайринақдӣ бо истифода аз POS- терминалҳои пардохт аз дорандагони корти бонкӣ ва субъектҳои хоҷагидор ҳаққи хизматрасонӣ ситонида нашавад, баръакс ба ивази анҷом додани амалиёт бо мақсади ҳавасанд намудан ба онҳо подошпулӣ ва дигар бонусҳо муқаррар гардад.

Вобаста ба ин пешниҳод директори молиявии ҶСК ТАҚҲ “Имон Интернешнл” Ғ. Иброҳимов сухан ронда, гуфт, ки воқеан вақти он расидааст, ки барои бештару беҳтар кардани амалиётҳои ғайринақдӣ бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ҳаққи хизматрасониҳои худро бозбинӣ намоянд. Хуб мешуд, ки бо истифода аз терминалҳои бонкӣ гирифтани маблағи пулӣ дар шакли нақд фоиз муқаррар гардад ва аз хисоби хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо дар шакли ғайринақдӣ ягон хел ҳаққи хизматрасонӣ аз ҷониби ташкилоти молиявӣ ситонида нашавад.

Муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода оид ба масъалаи дуюм- “Бастани Созишномаи ҳамкорӣ дар самти табодули электронии маълумот оид ба дастрасӣ ба маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда” сухан ронда, ташкилотҳои молиявиро барои ҳамкорӣ ҷиҳати ташкили табодули маълумот дар шакли электронӣ ва бастани созишнома даъват намуд.

Мавсуф таъкид кард, ки дар мавриди ба роҳ мондани дар шакли электронӣ дастрасии бонкҳо ба маълумот вобаста ба субъектҳои бақайдгирифташуда дар мақомоти андоз, ҳамзамон ба таври электронӣ дастрас намудани мактуби ахборотӣ ҷиҳати кушодани суратҳисобҳои ҷорӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ шароит фароҳам оварда шудааст. Ин даъватро намояндагони бонкҳо ва ташкилотҳои хурди молиявӣ хуш пазируфтанд.

Бо қарори ҷаласаи корӣ раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз вазифадор шуданд, ки дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон барои таъсис додани гурӯҳҳои кории муштарак дар ҳудуди вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ ва шаҳри Душанбе доир ба рафти насбу истифодаи терминалҳои электронӣ барои қабули кортҳои пардохти бонкӣ тибқи номгӯи соҳаҳои бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №815 замимашуда чораҷӯӣ намоянд; барои баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон ва субъектҳои соҳибкорӣ дар мавриди вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои молиявӣ ва истифодаи POS-терминалҳо аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор барномаҳои алоҳидаи телевизионӣ омода ва намоиш диҳанд; бо мақсади назорати рафти истифодабарӣ, таъмини самаранокии фаъолият ва дастрас намудани маълумот вобаста аз ҳаҷми амалиёти ғайринақдӣ тавассути терминалҳои пардохти бонкӣ ҷиҳати ба махзани маълумоти Кумитаи андоз пайваст кардани барномаи таҷҳизоти мазкур чораҳои иловагӣ андешанд.

Инчунин, Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ ва Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон муваззаф шуданд, ки доир ба рафти иҷрои банди 7-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №815 оид ба амалиётҳои тавассути терминалҳои электронӣ гузаронидашуда дар муҳлати муқарраргардида ба мақомоти андоз маълумот пешниҳод намоянд; барои минбаъд ба роҳ мондани табодули маълумот дар шакли электронӣ доир ба рафти иҷрои бандҳои 7 ва 8-и қарори Ҳукумат (аз 31.12. 2014, №815) таклифу пешниҳоди худро ба Кумитаи андоз пешниҳод кунанд ва ҷиҳати табодули маълумот дар шакли электронӣ барои бастани созишнома дар ин самт ҳам ба Кумитаи андоз муроҷиат намоянд; доир ба аҳамияти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва вусъат бахшидани корҳо дар ин самт тавассути воситаҳои ахбори омма корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дигар чорабиниҳои таблиғотиро амалӣ созанд, инчунин насби терминалҳои электрониро дар доираи гурӯҳҳои кории муштарак сари вақт таъмин намоянд.

**Мақсуди НЕЪМАТ**

# Муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда

**Бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупорандагон, ки ба гирифтани даромад алоқаманд аст, аз ҷониби мақомоти андоз пайваста муоинаи хронометражӣ гузаронида мешавад. Гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон як омили сифатнок иҷро намудани қисми даромади буҷет ва пурра ба андозбандӣ ҷалб гардидани андозсупорандагон мегардад.**



Тибқи талаботи моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи хронометражӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупорандагон, ки ба гирифтани даромад алоқаманд аст, гузаронида мешавад. Ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ва ошкор намудани андозсупорандагоне мебошад, ки мақсади пинҳон намудани манбаъҳои андозбандишавандаро доранд.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, муоинаи хронометражӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Маҳмадраҷабзода қайд намуд, дар ҷараёни кор ҳолатҳое мушоҳида мегардад, ки мақомоти андозро водор месозад то қонуншиканиҳои бархе аз андозсупорандагонро пешгирӣ карда, бо мақсади муайян намудани манбаъҳои аслии андозбандишаванда муоинаи хронометражӣ гузаронанд. Ин аст, ки дар соли 2018 аз тарафи мақомоти андоз фаъолияти андозсупорандагоне, ки ба истеҳсол ва фурӯши хӯрок, хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум, сӯзишворӣ ва молҳои саноатӣ машғуланд, таҳти муоинаи хронометражӣ қарор гирифтааст. Аз натиҷаи муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти ин андозсупорандагон бармеояд, ки бархе аз андозсупорандагон манбаи аслии андозбандишавандаро 4-5 маротиба кам нишон додаанд ва ҳамин аст, ки тибқи тартиби муқарраргардида фурӯши воқеии онҳо бо санади дахлдор ба расмият дароварда ва таҳти назорат қарор дода шуданд.

Тибқи иттилои мавсуф, дар соли 2018 аз тарафи мақомоти андоз бо мақсади муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда дар фаъолияти 1804 андозсупоранда (412 шахси ҳуқуқӣ ва 1389 соҳибкори инфиродӣ) муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст. Аз ҷумла, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 144 адад, шаҳри Душанбе 368 адад, вилояти Хатлон 442 адад, вилояти Суғд 419, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) 89 адад, шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 283 адад, Нозироти андозсупорандагони калон (НАК) 6 адад ва Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ) 53 адад муоинаи хронометражӣ гузаронидаанд.

А. Маҳмадраҷабзода қайд намуд, ки даромади умумии 1804 андозсупорандае, ки таҳти муоинаи хронометражӣ қарор дода шудаанд, ба ҳисоби миёна дар як моҳ 64322,4 ҳазор сомониро ташкил дода, пас аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии ин субъектҳо ба ҳисоби миёна дар як моҳ ба 113742,0 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба манбаи андозбандишавандаи қаблан пешниҳоднамуда ба маблағи 49419,6 ҳазор сомонӣ дар як моҳ зиёд мебошад. Яъне, манбаи андозбандишаванда барои моҳҳои минбаъда аз ҳисоби онҳо ба андозаи 76,8 % зиёд гардидааст.

Инчунин, дар фаъолияти ин андозсупорандагон 1359 коргари кироие, ки бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб гардидаанд, ба қайд гирифта шуда, нисбати 920 андозсупоранда барои риоя накардани қонунгузории андоз ба маблағи умумии 2540,2 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, пардохти маблағ ба буҷет таъмин гардидааст. Дар фаъолияти 11 андозсупоранда мошини назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ, ки қобилияти интиқол додани маълумотро доранд, насб шудааст.

Дар соли 2018 аз тарафи мутахассисони шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, муоинаи хронометражӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳо 144 андозсупоранда таҳти муоинаи хронометражӣ қарор дода шудааст, ки дар натиҷа, манбаи андозбандишавандаи ин субъектҳо барои давраҳои минбаъда ба андозаи 17,0 млн. сомонӣ зиёд шудааст.

Аз тарафи Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ва нозиротҳои тобеи он дар соли 2018 фаъолияти 368 андозсупоранда таҳти муоинаи хронометражӣ қарор дода шудааст, ки дар натиҷа, манбаи андозбандишавандаи ин субъектҳо ба андозаи 7,9 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Зиёдшавии манбаи андозбандишаванда пас аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба ҳисоби миёна ба як андозсупоранда дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 118,0 ҳазор сомонӣ, НАМ 91,0 ҳазор сомонӣ, шаҳри Душанбе 21,6 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 7,4 ҳазор сомонӣ, вилояти Суғд 28,8 ҳазор сомонӣ, ВМКБ 3,8 ҳазор сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 10,1 ҳазор сомонӣ рост меояд.

Номбурда илова намуд, ки новобаста аз таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаласаҳои қаблан гузаронидашуда дар мавриди беҳтар намудани нишондодҳо дар самти муоинаи хронометражӣ ва баррасии камбудиҳои дарҷгардида, нозиротҳои андози баъзе шаҳру ноҳияҳо дар фаъолияти андозсупорандагон ҳамагӣ аз 1 то 5 муоинаи хронометражӣ гузаронидаанд, ки ин нокифоя аст.

Азим Маҳмадраҷабзода қайд намуд, ки теъдоди андозсупорандагоне, ки манбаи андозбандишавандаро ҳар моҳ шабеҳ (яхела) пешниҳод менамоянд ва манбаи андозбандишавандаи ин андозсупорандагон шубҳаовар мебошад, дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ зиёд ба назар мерасад.

Теъдоди муоинаҳои хронометражии дар фаъолияти андозсупорандагон гузаронидашуда, дар соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 ба андозаи 766 ададро ташкил дода, зиёд намудани манбаи андозбандишаванда 28,9 млн. сомонӣ ва ошкор гардидани ҷалби коргарони кироӣ бе шартномаҳои меҳнатӣ 789 адад афзоиш ёфтааст.

Масалан, дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Н. Файзуллоев, ки ба фурӯши молҳои ниёзи мардум машғул аст, муайян гардид, ки соҳибкор манбаи андозбандишавандаро ба ҳисоби миёна дар як моҳ 85,8 ҳазор сомонӣ нишон додааст. Аммо баъди муоинаи хронометражӣ муайян гардид, ки даромади умумии он дар як моҳ 627,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, яъне соҳибкор онро 6 маротиба кам нишон додааст. Инчунин, дар рафти муоина 20 нафар коргари кироя ошкор шудааст, ки бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб гардидаанд.

Ба ҳамин монанд, дар фаъолияти ҶДММ "Делфин 2014" ки ба фаъолияти хизматрасонии фароғатӣ машғул аст, муайян гардид, ки ҷамъият манбаи андозбандишавандаро ба ҳисоби миёна дар як моҳ 137,1 ҳазор сомонӣ нишон додааст. Аммо баъди муоинаи хронометражӣ муайян гардид, ки даромади умумии он дар як моҳ 915,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Инчунин, дар фаъолияти ҶДММ "Бухоро", ки ба фаъолияти истеҳсол ва фурӯши таом машғул аст, муайян гардид, ки ҷамъият манбаи андозбандишавандаро ба ҳисоби миёна дар як моҳ 41,7 ҳазор сомонӣ нишон додааст. Аммо баъди муоинаи хронометражӣ муайян гардид, ки даромади умумии он дар як моҳ 430,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ҷамъият онро 9 маротиба кам нишон додааст. Дар рафти муоина 5 нафар коргари кироя ошкор шуд, ки бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб гардида буданд.

Вобаста ба ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардидаанд, ки бо риояи талаботи муқаррароти Кодекси андоз ва мактубҳои супоришии Кумитаи андоз сифатнокии муоинаҳои хронометражиро таъмин намоянд, камбудиҳои ҷойдоштаро давра ба давра ислоҳ ва самаранокии фаъолиятро беҳтар созанд. Ҳамзамон, соҳибкоронро зарур аст, ки қонунгузории андозро риоя намоянд ва ҳаргиз ба қонуншиканиҳои андоз роҳ надиҳанд. Дар навбати хеш шаҳрвандонро зарур аст, ки ҳангоми хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ҳатман чиптаи мошини назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалиро талаб намоянд, зеро ҳисоби саҳеҳи маблағҳо ба иҷрои қисми даромади буҷет ва равнақ ёфтани иқтисодиёти кишвар таъсиррасон мебошад.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

### Суд приговорил Кришитану Роналду к условному сроку и штрафу в 19 миллионов евро

Провинциальный суд Мадрида приговорил нападающего сборной Португалии и туринского «Ювентуса» Криштиану Роналду по делу о неуплате налогов к 23 месяцам заключения условно и штрафу в размере более чем 19 миллионов евро, сообщает РИА Новости со ссылкой на пресс-службу суда.

Португальцу были предъявлены обвинения в уклонении от уплаты подоходного налога физических лиц с 2011 по 2014 годы, сумма оценивается в 5,7 миллиона евро. В это время Роналду выступал за мадридский «Реал».



В рамках сделки с правосудием Роналду заплатит 18,8 миллиона евро и дополнительный штраф в размере 375 тысяч евро. Как правило, приговоры до двух лет заключения в Испании отбываются условно, если человек ранее не привлекался к уголовной ответственности.

**Источник: http://football.kulichki.net/worldnews/news.htm?539083**

# ШАҲРВАНДОНЕ, КИ АЗ АНДОЗИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ҚАРЗДОРАНД

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавре ба назар мерасад, имрӯз баҳри ғановатмандии буҷети мамлакат саҳми беандоза гузошта истодааст. Фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ, таъмини маоши кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ҳифзи соҳаҳои иҷтимоиёти ҳар кишвар ба ҷамъоварии андозҳо робитаи мустақим дорад. Барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҷамъоварии андозҳо масъалаи аввалиндараҷае, ки дар назди ҳар мақомот меистад, маъмурикунонии андозҳо аст.

Аз ин хотир, имрӯз Кумитаи андоз кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки мутахассисони баландихтисосро барои рушди босуботи мақомоти мазкур ҷалб намояд. Ғайр аз ин, кормандони мақомоти андоз барои пешрафти ин соҳа аз таҷрибаи давлатҳои пешқадами ҷаҳонӣ истифода мекунанд. Пас, зарур аст, ки ҳар як шаҳрванди тоҷик фарҳанги баланди андозсупории хешро эҳсос намуда, дар мӯҳлати муайяншуда андозҳои муқаррарнамудаи қонунгузориро пардохт намояд. Чуноне ки ба назар мерасад, масъалаи сари вақт пардохт нагардидани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон ва шаҳрвандон, ба вуҷуд омадани бақияпулиҳои андоз, инчунин давра ба давра афзоиш ёфтани он боиси нигаронии на танҳо мақомоти андоз, балки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст.

Тавре мебинем, баъзе шахсоне, ки ҳарчанд дар ширкату корхонаҳои хурду бузург фаъолият менамоянду маблағҳои калони молию пулиро дар ихтиёр доранд, аммо, бино бар баланд набудани ҳисси шаҳрвандиашон, андозҳои муқаррарнамударо сари вақт пардохт намекунанд. Чунин ашхос дар бисёр ҳолатҳо аз супоридани андозҳо сарпечӣ менамоянд ё онҳоро пинҳон медоранд. Ҳол он ки дар ҳар ду ҳолат ҳам онҳо қарзи худро фаромӯш карда, вазъи молиявии буҷети маҳаллиро, бахусус мактабу маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар сохторҳои қудратию буҷетиро, ки тавассути андозҳо фаъолияти худро роҳандозӣ мекунанд, дар ҳолати ногувор мемонанд. Аз бемасъулиятии онҳо дар соҳаҳо ноустувории пулию молӣ ба миён меояд. Аз ин лиҳоз, яке аз мушкилиҳои ҳалталаб дар фаъолияти мақомоти андоз афзоиши қарзи андозҳо ба шумор меравад.

Имрӯз, тавре ба назар мерасад, шаҳрвандоне, ки аз пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул қарздор ҳастанд, дар мамлакат хеле зиёд мебошанд. Ҳолатҳои зиёди пинҳонкунии андозҳо ва ба мӯҳлатҳои тӯлонӣ аз ҷониби соҳибмулкон пардохт нагардидани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат зимни санҷишҳои мақомоти андоз ошкор шуда, ҳамзамон нисбати андозсупорандагони мазкур мутобиқи талаботи муқарраршуда тадбирҳои аввалиндараҷа андешида мешавад. Дар ҷадвали зерин рӯйхати нафаронеро, ки бақияпулиҳояшон рӯз аз рӯз дар ҳоли афзоиш асту онҳо дар пардохти маблағҳои қарзи худ саҳлангорӣ мекунанд, пешниҳод мекунем.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

### Рӯйхати соҳибмулконе, ки дар назди буҷет ба ҳолати 01.01.2019 аз андози молу мулки ғайриманқул қарздор мебошанд

**СОҲИБМУЛКОНИ ШАҲРИ БОХТАР**

| Р/т | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Зафар Сайдалиев | - | 28673 |
| 2 | Нусратулло Файзуллоев | - | 88096 |
| 3 | Абдуллои Абдусатторзода | - | 13803 |
| 4 | Салоҳидин Исмоилзода | - | 38466 |
| 5 | Мавлуда Ҷалилова | - | 17899 |
| 6 | Фаррух Достиев | - | 22256 |
| 7 | Азим Алиев | - | 8412 |
| 8 | Нарзулло Насруллоев | - | 49061 |
| 9 | Неъматулло Сафаров | - | 61359 |
| 10 | Сафарбек Шокиров | - | 31779 |

**СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ**

| Р/т | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Сангинмурод Таибов | Ҷ/д М. Горкий | 720 |
| 2 | Меҳринисо Давлатова | деҳаи Гагарин | 996 |
| 3 | Маҳмадёқуб Алиев | Ҷ/д М. Горкий | 776 |
| 4 | Шаҳло Собирова | деҳаи Киров | 766 |
| 5 | Абдулло Утанов | дехаи Қизил -Байрақ | 1380 |
| 6 | Шариф Эмомов | дехаи Янгиобод | 645 |
| 7 | Кенҷа Маҳмадова | деҳаи Иттифоқ | 614 |
| 8 | Асадулло Маҳмадов | деҳаи Иттифоқ | 220 |
| 9 | СунатуллоМаҳмадов | деҳаи Иттифоқ | 1320 |
| 10 | Боймурод Давлатов | кӯчаи Сомониён | 2300 |

**СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ВАХШ**

| Р/т | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Ибодулло Абдулоев | Ҷамоати деҳоти 20-солагӣ | 19025 |
| 2 | Рахим Сафаров | Ҷамоати шаҳраки Вахш | 10086 |
| 3 | Саймудин Мусоев | Ҷамоати шаҳраки Вахш | 2500 |
| 4 | Бобочон Чалилов | Ҷамоати шаҳраки Вахш | 11618 |
| 5 | Хамза Авазов | Ҷамоати шаҳраки Вахш | 1845 |
| 6 | Бури Мирзоалиев | Ҷамоати деҳоти 20 - солагӣ | 800 |
| 7 | Азим Каримов | Ҷамоати деҳоти Тоҷикобод | 800 |
| 8 | Зокир Гуломов | Ҷамоати шаҳраки Киров | 2593 |
| 9 | Зокир Нуралиев | Ҷамоати шаҳраки Киров | 2628 |

**СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ЁВОН**

| Р/т | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Кароматулло Камолов | Ҷамоати Даҳана, деҳаи Даҳана | 3561 |
| 2 | Гулбаҳор Комилова | Ҷамоати Даҳана, деҳаи Даҳана | 5767 |
| 3 | Маҳмадулло Назаров | Ҷамоати Даҳана, деҳаи Даҳана | 4136 |
| 4 | Мурод Қувандиқов | Ҷамоати Чоргул, деҳаи Шурча | 520 |
| 5 | Пардабой Данаев | Ҷамоати Чоргул, деҳаи Шурча | 865 |
| 6 | Хидир Қувандиқов | Ҷамоати Чоргул, деҳаи Шурча | 300 |
| 7 | Сироҷ Ҳайдаров | Ҷамоати шаҳраки Ёвон | 6612 |
| 8 | Муродалӣ Юнусов | Ҷамоати Ҳ. Ҳусейнов, деҳаиҲасанӣ | 2031 |
| 9 | Комилова Робия | Ҷамоати Ҳ. Ҳусейнов, деҳаиҲасанӣ | 1564 |
| 10 | Бекназарова Зевармоҳ | Ҷамоати Ҳ. Ҳусейнов, деҳаиҲасанӣ | 1383 |

**СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ**

| Р/т | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Алӣ Абдурауфов | Ҷ/д. 50-солагии Тоҷикистон, деҳаи 1-май | 1976 |
| 2 | Сайдалӣ Абдурауфов | Ҷ/д. 50-солагии Тоҷикистон, деҳаи 1-май | 656 |
| 3 | Холназар Ашӯров | Ҷ/д. 50-солагии Тоҷикистон, деҳаи 1-май | 578 |
| 4 | Мастона Маҳмадова | Ҷ/д. 50-солагии Тоҷикистон, деҳаи Телмон | 782 |
| 5 | Саидҷон Хоҷазода | Ҷ/д. 50-солагии Тоҷикистон, деҳаи Телмон | 1099 |
| 6 | Нурмаҳмад Имомов | Ҷ/д. Ифтихор, деҳаи Навбаҳор | 823 |
| 7 | Гулмурод Палванов | Ҷ/д. Ифтихор, деҳаи Навбаҳор | 222 |
| 8 | Барот Қурбонов | Ҷ/д. Ифтихор, деҳаи Навбаҳор -6 | 998 |
| 9 | Маҳмадсаид Камолов | Ҷ/д. Арал, деҳаи Арал | 791 |
| 10 | Абдувалӣ Обидов | Ҷ/д. Арал, деҳаи Арал | 831 |
| 11 | Аминҷон Баҳодуров | Ҷ/д. Арал, деҳаи Ғайрат | 3058 |
| 12 | Ҳусен Собиров | Ҷ/д. Арал, деҳаи Каминтер | 692 |
| 13 | Мирзо Ғафуров | Ҷ/д. Арал, деҳаи Т. Сурх | 1815 |
| 14 | Тоҳир Худойназаров | Ҷ/д. Арал, деҳаи Т. Сурх | 1281 |
| 15 | Рустам Салимов | Ҷ/д. Арал, деҳаи Навдӣ | 1035 |
| 16 | Мунавар Аминов | Ҷ/д. Иттифоқ, деҳаи Аграном | 883 |
| 17 | Муҳабатшо Хоҷаев | Ҷ/д. Иттифоқ, деҳаи Б. Суламон | 809 |
| 18 | Аскаралӣ Шоймардонов | Ҷ/д. Каленин, деҳаи Р. Сотсиализм | 1524 |
| 19 | Муҳсидин Ғаниев | Ҷ/д. Иттифоқ, деҳаи Файзобод | 838 |
| 20 | Тоҳир Замонов | Ҷ/ш. А. Ҷомӣ, кӯчаи Заонов | 1278 |
| 21 | Зулфия Ҳисориев | Ҷ/ш. А. Ҷомӣ, кӯчаи Сомониён | 7404 |
| 22 | Қоббилҷон Шомаҳмадов | Ҷ/ш. А. Ҷомӣ, кӯчаи Сомониён | 807 |

**СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ШАҲРИТУС**

| Р/т | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Исмоил Баҳронов | Ҷ/д Ч.Назаров, деҳаи А. Муродов | 509 |
| 2 | Муҳамадӣ Холматов | Ҷ/д Ч.Назаров, деҳаи Айвоҷ | 1263 |
| 3 | Муҳсин Мунавваров | Ҷ/д С. Худойқулов, деҳаи Ватан | 7210 |
| 4 | Равшан Ҳамроқулов | кӯчаи Зубайдуллоев 59 | 248 |
| 5 | Гулистон Нодирова | Ҷ/д Ч.Назаров, деҳаи Айвоҷ | 929 |
| 6 | Норхол Джумаева | Ҷамоати Пахтаобод, деҳаи Янгиобод | 583 |
| 7 | Абдимумин Лолахонов | Ҷамоати Пахтаобод, деҳаи Устокорон | 1151 |
| 8 | Ҳасан Искандаров | Ҷамоати Пахтаобод, деҳаи Устокорон | 691 |
| 9 | Ҳусан Пулатов | Ҷамоати Пахтаобод, деҳаи 1-Май | 283 |
| 10 | Абилбакир Гиязов | Ҷамоати Пахтаобод, деҳаи 1-Май | 537 |
| 11 | Ҳусен Сафаров | Ҷ/д Т. Садриддинов, деҳаи Чуянчӣ | 752 |
| 12 | Фазлиддин Эшматов | Ҷ/д Т. Садриддинов, деҳаи Сайёд | 760 |
| 13 | Афзалшоҳ Муминов | Ҷ/д Т. Садриддинов, деҳаи Сайёд | 520 |
| 14 | Йулчи Сариев | Ҷ/д Ч.Назаров, деҳаи Лубиёкор | 677 |
| 15 | Диловар Уроқов | Ҷ/д Обшорон, деҳаи Обшорон | 1119 |
| 16 | Элмурод Бобоназаров | Ҷ/д Обшорон, деҳаи Ватан | 518 |
| 17 | Меҳринисо Уракова | Ҷ/д Обшорон, деҳаи Бинокор | 1468 |
| 18 | Гулбаҳор Ашурматова | Ҷ/д Обшорон, деҳаи Бинокор | 2625 |

# Масири рушд

**23 январи соли 2019 дар Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар мавзӯи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласа баргузор шуд, ки дар он муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Раҷабзода Мунавваршоҳ, сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони раёсати андоз Илҳом Муродҳусенов, кормандони НАК, НАМ, ноҳияҳои Шоҳмансур, Сино, Фирдавсӣ ва Исмоили Сомонӣ ширкат доштанд.**

Муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Раҷабзода Мунавваршоҳ ҷаласаро ифтитоҳ намуда, аз ҷумла қайд кард, ки Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳамаи мо раҳнамо аст. Расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар, ҳифзи амнияти озуқаворӣ се ҳадафи стратегии мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт. Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ Сардори давлат пешниҳод намуданд, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад.

Дар суханронии худ сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Илҳом Маҳмадҳусенов қайд кард, ки Паёми Пешвои миллатро метавон ба бахшҳои асосӣ тақсим намуд, ки ҳар бахши он фарогири манфиатҳои миллӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум мебошанд.

Дар охир, Раҷабзода Мунавваршоҳ қайд кард, ки моро мебояд дар масири рушди кишвар саҳми арзанда гузорем, сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллатро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, дар иҷрои вазифаҳои худ масъулиятшинос бошем. Бо боварӣ метавон гуфт, ки кормандони раёсати андоз ва нозиротҳои андози ноҳияҳои пойтахт нуктаҳои Паёмро сармашқи кори худ қарор дода, фаъолияти пурсамар нишон медиҳанд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# На Бали введут налог для туристов

## Ставка налога составит $10

Власти курорта Бали собираются ввести налог для зарубежных туристов в размере $10. Эти денежные средства пойдут на экологические нужды и сохранение культурного наследия, пишет ТАСС со ссылкой на газету The Straits Times.

Губернатор одноименной провинции Ваян Костер заявил, что соответствующий проект закона внесен на рассмотрение местного парламента в конце 2018 г. В скором будущем он будет принят.

Сейчас обсуждаются формы оплаты: налог или включат в стоимость билетов, в том числе авиа-, или же оплата будет производиться непосредственно по приезде: в аэропорту или морских портах. По его словам, «сборы вводятся только на иностранных туристов, поскольку они приезжают на отдых, развлекаться». «Большинство индонезийцев посещают Бали, чтобы навестить родственников либо же для участия в деловых форумах», — отметил он.

Не менее 6 млн иностранных туристов посетили в 2018 г. этот остров. Большинство посетителей — граждане Китая и Австралии. В 2017 г. число туристов из РФ по сравнению с предыдущим показателем увеличилось на 41% и достигло 95 тыс.

**Источник: http://taxpravo.ru/international**

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таҳлили амиқи дастовардҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, дурнамои сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакатро дар бар гирифтааст. Дар он нақшаҳои неки созандагӣ ва ободкорӣ дар кишвар, таҳкими сулҳу субот дар мамлакат, таъмини зиндагии шоистаи аҳолии ҷумҳурӣ инъикос ёфтаанд.

# Роҳнамои ҷавонон

Бояд зикр намуд, ки Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ се рӯйдоди муҳими таърихии хотирмонро зикр намуданд, ки дар соли 2018 ба вуқӯъ пайвастааст. Аввалан оғози «Татбиқи ташаббуси чоруми ҷаҳонии мо дар соҳаи об». Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», сониян ба кор андохтани агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун», ки иншооти тақдирсози аср ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон мебошад. Дар ин раванд Сарвари давлат ҳамеша дар фикру андеша ва талошҳои пайваста барои равшанию гармӣ бахшидан ба хонадони ҳар яки мо буданд ва соли гузашта ин орзуи чандинсолаи мардуми шарифу заҳматқарини тоҷик амалӣ гардид. Баъдан ҳалли масъалаҳои миёни шоҳроҳи давлатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон мебошад, ки дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавии мардум таъсири мусбӣ мерасонанд.

Роҳбари давлат дар Паёми имсолаи худ қайд намуданд, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ дар кишвар аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ беш аз 2100 километр роҳҳои мошингарди дорои аҳамияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва зиёда аз 1000 километр роҳҳои мошингарди дохилӣ бунёду таҷдид карда шуданд. Ин, албатта, аз он дарак медиҳад, ки Ватани маҳбубамон рӯз аз рӯз ободу зебо гардида истодааст.

Президенти кишвар рушди соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон доштааст. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми баланди омӯзгор дар ҷомеа таваҷҷуҳ карда, таъкид намудаанд: “Кишваре, ки дар он омӯзгорони варзида нестанд, мақоми онҳо қадр намешавад, пешрафт нахоҳад кард ва дар арсаи байналмилалӣ низ обрӯю манзалате нахоҳад ёфт”.

Таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба масъалаи боло бурдани сатҳу сифати таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот аз муҳимтарин мақсадҳои меҳварии Паёми навбатӣ ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат бо ин мақсад ду муаммои аслии соҳаро ба таври зайл муқаррар намуданд: “Бояд гуфт, ки дар соҳаи маориф ду проблемаи асосии ҳалталаб вуҷуд дорад. Якум, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар”.

Дар ҳақиқат, мо ба ҳадафҳои ба пеш гузоштаи худ ҳамон вақт мерасем, ки мутахассисони ҷавобгӯ ба ниёзҳои замони имрӯза омода намоем. Масъулияти тайёр кардани чунин мутахассисон, пеш аз ҳама, ба дӯши омӯзгори соҳибкасб ва хирадманд вогузор аст. Иқдом ва талошҳои ҳар омӯзгор дар замони нуфӯзи донишҳои муосир ва афзалияти маълумот барои боло бурдани сатҳу сифати таълим дар ҷараёни тадриси хеш ба шогирдон заминаи муҳиме дар роҳи расидан ба мақсадҳои бузурги Тоҷикистони азизи мо хоҳад гузошт.

Мо - ҷавонониояндасоз ваъда медиҳем, ки сиёсати хирадмандонаву дурандешона ва бунёдкоронаи Пешвои миллатро сармашқи кори худ намуда, дар таҳкими Истиқлолият, пойдории сулҳу озодӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва пешрафту тараққиёти давлат саҳм мегузорем.

**Руҳангез СОДИҚОВА,**
**Рухшона АМИНҶОНОВА,**
**муаллимони кафедраи забони англисӣ, факултети забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**

# Барномаи амал

Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 26-уми декабри соли 2018 ба Маҷлиси Олии мамлакат ироа гардид, ба соҳаҳои мухталифи мамлакат равона гардида, мардуми тоҷик онро бо як рӯҳияи болида истиқбол карданд. Вобаста ба паҳлуҳои Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои чанд тан аз кормандони соҳаҳои гуногуни кишвар манзури хонанда мегардад.

## Паём - ҳуҷҷати рӯимизӣ

**Маҷиддин Каримов, сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Темурмалик:**

- Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Темурмалик Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро хеле хуш пазируфтанд. Бояд қайд намуд, ки дар Паёми навбатии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самтҳои гуногуни ҳоҷагии халқ, аз ҷумла энергетика, иқтисод, савдо, саноат, маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Пешвои миллат соли 2018 - ро барои мардуми сарбаланди Тоҷикистон соли хотирмон ва воқеан ҳам таърихӣ унвон карда, қайд намуданд, ки «...Ба кор андохтани агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун», яъне иншооти тақдирсози аср ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон, ки ба шарофати он орзуи чандинсолаи мардуми шарифу заҳматқарини тоҷик амалӣ гардид, ибтидои гардиши куллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва як қадами устувору бузурги кишвари мо дар самти расидан ба ҳадафи якуми стратегии миллӣ - истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад...» Бояд қайд кард, ки кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Темурмалик Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳуҷҷати рӯимизии корӣ худ дониста, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки нақшаи ҳама гуна андозҳоро пурра иҷро намуда, дар ғанӣ гардидани буҷетӣ мамлакат саҳми арзандаи худро гузоранд.

## Рушди босуръати саноатикунонӣ

**Баҳром Холматов, омӯзгори факултаи молиявӣ-иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ:**

- Мардуми Тоҷикистон ҳамасола огаҳанд, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат ироа гардида, масъалаҳои вобаста ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва нақшаҳо барои солҳои оянда, пешбинӣ мегардад. Зикр кардан бамаврид аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини рушди иқтисодӣ ноил гашта истодааст. Ҳамчунин, дар Паёми навбатӣ Пешвои миллат саноатикунонии босуръати мамлакатро ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуданд. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стратегияи рушд наздик шуда, ба амалишавии ҳадафҳои хеш ноил гашта истодааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки соли 2018 агрегати аввали Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо иштироки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кор даровarda шуд. Ба кор даромадани НБО «Роғун» ба рушди иқтисодиёти кишвар таъсири худро мерасонад. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла, беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ диққати аввалиндараҷа дода, қайд намуданд, ки «...Мо бояд барои беҳтар намудани некӯаҳволии мардум обу заминро самаранок истифода бурда, истеҳсоли маводи ғизоиро зиёд намоем».

## Ташкил шудани ҷойҳои нави корӣ

**Шамшоди Ҷамшед, мутахассиси Раёсати илм ва инноватсияи ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ:**

- Иброз бояд дошт, ки имрӯз сатҳу сифати зиндагии мардуми тоҷик хубтар шуда, шароити мусоид низ баҳри зиндагӣ фароҳам гашта истодааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсола таъкид доштанд, ки ҳадафи Ҳукумат бояд барои беҳбуди ҳаёти сокинон равона карда шавад ва яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала бунёди корхонаҳои саноатӣ, вусъат бахшидани соҳибкорӣ, фароҳам овардани ҷойи кор мебошад: «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти неруи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст».

Бо ин мақсад соли 2019 барои соҳибкорони хусусию давлатӣ имкониятҳои зиёд дода шуд, ки ин иқдом боиси дастгирист. Мо, ҷавонон итминони комил дорем, ки сокинони сарбаланди Тоҷикистон, хусусан соҳибкорон, бо истифода аз ин имкониятҳо дар бунёди корхонаҳои саноатӣ саҳмгузор мешаванд.

**Таҳияи**
**Исломи РАҶАБАЛӢ**

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# России предрекли экономический рекорд

**Россию ожидает первый за последние восемь лет рекорд торгового баланса, пишет французская деловая газета Les Echos.**

Издание обратило внимание, что положительное сальдо российского торгового баланса (разность между экспортом и импортом) за январь-ноябрь 2018 года составило 191,4 миллиарда долларов. По прогнозу газеты, предыдущий рекорд в размере 198 миллиардов долларов, который Россия поставила в 2011 году, скорее всего, будет побит.

Согласно данным российской Федеральной таможенной службы (ФТС), на которые опирается газета, за 11 месяцев 2018 года положительное сальдо увеличилось на 65,2 процента по сравнению с аналогичным периодом 2017 года.

Отмечается также, что за 11 месяцев 2018 года внешнеторговый оборот России (сумма экспорта и импорта) вырос на 19,3 процента и составил 629 миллиардов долларов, а российский экспорт - на 27,5 процента, превысив 410 миллиардов. Энергоносители составили более 64 процентов экспорта.

Ранее опрошенные агентством Bloomberg эксперты указали на хорошие макроэкономические показатели России: положительный торговый баланс и профицит федерального бюджета. По их словам, это свидетельствует о том, что страна подготовилась к новым санкциям и усилению изоляции, и теперь почти не зависит от внешних заимствований.

**https://news.mail.ru/economics/36006030/?frommail=1**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рўйхати субъектҳои бефаъолиятро тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият”, ҷиҳати хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатӣ пешниҳод менамояд.

Аз шумо хоҳиш менамоем, ки арзу шикоятҳоро нисбати андозсупорандагони бефаъолият, ба Бахши иттилоотӣ бо рақамҳои содакардашудаи телефонии 151 ва 152 ё ба Кумитаи андоз бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2 пешниҳод намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(Аввалаш дар шумораи гузашта)

Рўйхати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд.

| № | Ном ва насаби андозсупоранда | Санаи бақайдгирӣ | РЯМ |
|---|---|---|---|
| | СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ | | |
| 38 | Самиев Ҷамолиддин | 01.09.2010 | 0330089898 |
| 39 | Мафилов Аброр | 18.05.2010 | 0230015216 |
| 40 | Розиқов Саидқул | 30.12.2009 | 0130004857 |
| 41 | Орипов Одил | 01.03.2013 | 0130075981 |
| 42 | Юсупова Ҳабиба | 06.01.2012 | 0230032596 |
| 43 | Абдуллозода Ҳидоятулло | 15.03.2013 | 0130077613 |
| 44 | Файзалиев Нурулло | 25.08.2011 | 0130050516 |
| 45 | Намозов Тоҷиддин | 08.08.2014 | 0130107230 |
| 46 | Раҷабова Зарина | 04.06.2012 | 0230035887 |
| 47 | Қурбонов Садриддин | 02.07.2015 | 0130120751 |
| 48 | Муҳаммад Олим Муҳаммад Амир | 02.02.2011 | 0130038095 |
| 49 | Зухуров Равшанҷон | 20.12.2011 | 0130055173 |
| 50 | Хан Ин | 15.10.2015 | 0130124381 |
| 51 | Сияожун ХЭ | 30.09.2011 | 0230030699 |
| 52 | Каримов Сайфулло | 02.12.2008 | 0330008333 |
| 53 | Мирзоев Ҷонибек | 11.10.2016 | 0130137774 |
| 54 | Сур Гул Абдул Раҳмон | 20.11.2012 | 0130070976 |
| 55 | Ҳакимов Шуҳрат | 07.04.2011 | 0130042990 |
| | ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ | | |
| 56 | ФҲХ «Равобит» | 29.11.2010 | 0110011651 |
| 57 | ҶДММ «Осиё Созон» | 02.09.2014 | 0110019892 |
| 58 | ҶДММ «Алянс Юнити» | 12.05.2015 | 0110020836 |
| 59 | ҶДММ «Техпроект 2010» | 29.12.2010 | 0110011917 |
| 60 | ҶДММ «Петроко» | 18.12.2014 | 0110020286 |
| 61 | ҶДММ «Фаррух 88» | 21.05.2013 | 0110017875 |
| 62 | ҶДММ «ЧАС ФАРТУНИ» | 29.07.2009 | 0410000562 |
| 63 | ҶДММ «Воридот Плюс» | 06.05.2014 | 0110019525 |
| 64 | ҶДММ «Мерсин Панел Тоҷикистон» | 17.06.2016 | 010097384 |
| 65 | ҶДММ «Супер Шер Ахмад Зай» | 07.02.2011 | 0110012320 |
| 66 | ҶСП «Омил» | 25.01.2011 | 0110012192 |
| 67 | ҶДММ «Профил» | 04.01.2012 | 0110013970 |
| 68 | ҶДММ «Сомон тоҷ» | 08.04.2010 | 0110005207 |
| 69 | ҶДММ «Ғайрат 2001» | 08.05.2003 | 0110003612 |
| 70 | ҶДММ «Карделен» | 21.10.2010 | 0110011321 |
| 71 | ҶДММ «Мусофирон» | 22.02.2011 | 0110012412 |
| 72 | ҶДММ «Мино А» | 19.09.2007 | 0110010799 |
| 73 | ҶДММ «Кашмир 2014» | 09.06.2014 | 0210020617 |
| 74 | ҶДММ «Саид Ҷамол» | 30.05.2008 | 0110010185 |
| 75 | ҶДММ «ПЕРЕКРЕСТОК» | 20.08.2009 | 0110000578 |
| 76 | ҶДММ «Востоксервис-строй» | 16.11.2006 | 0310002358 |
| 77 | ҶДММ «Панчшер Фермер» | 27.02.2002 | 0110005308 |
| 78 | ҶДММ «Нур Сафар» | 25.02.2013 | 0110016216 |
| 79 | ҶДММ «Рамазон Фарм» | 14.01.2011 | 0110012064 |
| 80 | ҶДММ «Нилуфар 1» | 26.11.2001 | 0110009754 |
| 81 | ҶСП «Ист Эйр» | 17.08.2007 | 0110008122 |
| 82 | ҶДММ «Зара 13» | 17.04.2013 | 0110017399 |
| 83 | ҶДММ «Блу Стар» | 29.02.2012 | 0110014346 |
| 84 | ҶДММ «Габарит» | 24.04.2010 | 0110005629 |
| 85 | ҶДММ «Аъзам ЛТД» | 16.12.2013 | 0110019021 |
| 86 | ҶДММ «Барқи Осиё» | 16.03.2012 | 0110014456 |
| 87 | ҶДММ «Шарқ 5» | 16.08.2012 | 0110015199 |
| 88 | КДММ «Симо» | 09.06.2010 | 0110007389 |
| 89 | ҶДММ «Комрон-Тиҷорат» | 08.01.2008 | 0110010634 |
| 90 | ҶДММ «Дипломат Групп» | 22.06.2011 | 0110013136 |
| 91 | ҶДММ «Конофарин» | 04.04.2012 | 0110014548 |
| 92 | ҶДММ «Тоҷ Айрлинес» | 04.09.2003 | 0110009176 |
| 93 | ҶДММ «Гулдара 2015» | 05.11.2015 | 0110021276 |
| 94 | ҶДММ «Сабр 2011» | 22.11.2011 | 0110013778 |
| 95 | ҶДММ «Сурен» | 30.04.2007 | 0110002686 |
| 96 | ҶДММ «Замони Юнус» | 31.08.2002 | 0110000761 |
| 97 | ҶДММ «Интергити» | 04.05.2015 | 0110020763 |
| 98 | ҶДММ «Оникс Сарват» | 17.12.2007 | 0110009625 |
| 99 | ҶДММ «Саманди Кабир» | 29.09.2009 | 0110001165 |
| 100 | ҶДММ «Тураб» | 26.11.1999 | 0110005766 |
| 101 | ҶДММ «СЭМ КО» | 18.04.2008 | 0210005483 |
| 102 | ҶДММ «ДОО-Фун Энергоресурс» | 17.01.2014 | 0110019122 |
| 103 | ҶДММ «Сипехи тус» | 19.05.2009 | 0110006573 |
| 104 | ҶДММ «Ҷамал» | 29.12.2010 | 0110011908 |
| 105 | ҶДММ «Сармад С» | 16.07.2013 | 0110018398 |
| 106 | ҶДММ «Таъминоти моддию Техникӣ» | 19.08.2003 | 0110010423 |
| 107 | ҶДММ «Башир Мозанд» | 17.12.2010 | 0110011807 |
| 108 | ҶДММ «Сомон Трейдинг Групп» | 06.12.2011 | 0110013842 |
| 109 | ҶДММ «Ком» | 28.06.2010 | 0110008709 |
| 110 | ҶДММ «Ситораи Осиё» | 14.07.2014 | 0110019773 |
| 111 | ҶДММ «Шохнома» | 20.10.2009 | 0110001522 |
| 112 | ҶДММ «Адолат Групп» | 06.06.2011 | 0110013063 |
| 113 | ҶДММ «Дизайн 1» | 15.06.2011 | 0110013090 |
| 114 | ҶДММ «Клевер Сервисес» | 22.04.2010 | 0110005482 |
| 115 | ҶДММ «Канзи Шифо 2010» | 02.08.2010 | 0110010744 |
| 116 | ҶСП «Таджик Тревел Сервис» | 14.05.2010 | 0110006243 |
| 117 | ҶДММ «Бахтовар 93» | 20.05.2013 | 0110017747 |
| 118 | ҶДММ «Русстаджком» | 08.09.2010 | 0110011092 |
| 119 | ҶДММ «Варганза» | 13.04.2004 | 0110008608 |
| 120 | ҶДММ «Руми марказ» | 20.05.2010 | 0110006353 |
| 121 | ҶДММ «Дунё Эйр» | 28.05.2013 | 0110018013 |
| 122 | ҶДММ «Зафар Компания» | 04.04.2011 | 0110012669 |
| 123 | ҶДММ «Фаворит Плюс» | 29.06.2011 | 0110013173 |
| 124 | ҶДММ «Лочвард» | 20.06.2012 | 0110014942 |
| 125 | ҶДММ «Першиё» | 28.04.2011 | 0110012898 |
| 126 | ҶДММ «Корвони Бадахшон» | 21.02.2011 | 0110012385 |
| 127 | ҶДММ «Бону Б» | 12.02.2003 | 0110007783 |
| 128 | Муассисаи «Институти Оби Амударё» | 01.10.2013 | 0110018728 |
| 129 | ТҒ КМ Манзили «Академик З. Аҳрорӣ н.Шоҳмансур» | 07.02.2012 | 0110014126 |
| 130 | ҶДММ «Жун Хао» | 14.07.2010 | 0110010469 |
| 131 | ҶДММ «Наврӯз 2014» | 14.04.2014 | 0110019452 |
| 132 | ҶДММ «Ховар Форс» | 17.06.2010 | 0110007985 |
| 133 | ҶДММ «Тоҷикавтоэкология» | 15.07.2002 | 0110000138 |
| 134 | ҶДММ «Оби Равшан» | 21.06.2013 | 0110018215 |
| 135 | ҶДММ «Оби Сафо» | 25.05.2006 | 0110009167 |
| 136 | ҶДММ «Одилон Порс» | 28.07.2002 | 0110003548 |
| 137 | ҶДММ «Ширкати Байналмилалии Тоҷики рушди коркарди маъдани кӯҳӣ ва саноати энергетикӣ» | 27.06.2013 | 0110018233 |
| 138 | ҶДММ «ТВ Дунё» | 16.07.2010 | 0110010643 |
| 139 | ҶДММ «Тавҳид 2011» | 14.07.2011 | 0110013228 |
| 140 | ҶДММ «Ирам 2010» | 20.05.2010 | 0110006362 |
| 141 | ҶДММ «Сахра» | 28.06.2011 | 0110013155 |
| 142 | ҶДММ «Хатҳои уфуқи Осиё» | 22.02.2010 | 0110004089 |
| 143 | ҶДММ «Инер сервис» | 14.07.2010 | 0110010368 |
| 144 | ҶДММ «Танзими дороиҳои бонкӣ» | 01.10.2009 | 0110000569 |
| 145 | ҶДММ «Зоир Сохтмон» | 17.03.2010 | 0110004703 |
| 146 | ҶДММ «Меркурий Д» | 17.10.2009 | 0110001495 |
| 147 | ҶДММ «Усто Нусрат» | 08.06.2012 | 0110014841 |
| 148 | ҶДММ «Дастрахон-2013» | 23.03.2013 | 0110016574 |
| 149 | ҶДММ «РОСТЭК Т» | 01.04.2011 | 0110012641 |
| 150 | ҶДММ «Амим» | 15.05.2010 | 0110006252 |
| 151 | ҶДММ «Домекс» | 05.03.2010 | 0110004391 |
| 152 | ҶДММ «Арванд-2009» | 14.12.2009 | 0110002558 |
| 153 | ҶДММ «Мерган» | 21.12.2009 | 0110002705 |
| 154 | ҶДММ «Донишҷуи аср» | 08.03.2014 | 0110019351 |
| 155 | ҶДММ «Гурӯҳи мутаҳид» | 29.08.2011 | 0110013402 |
| 156 | ҶДММ «Хизмати зуд» | 03.11.2009 | 0110001696 |
| 157 | ҶДММ «Мисбоҳ 2010» | 22.04.2010 | 0110005491 |
| 158 | ҶДММ «Муттаҳид Алмос» | 12.05.2010 | 0110006096 |
| 159 | ҶДММ «Шовон Интернейшнл Групп» | 16.03.2010 | 0110004685 |
| 160 | ҶДММ «Рамзи» | 11.12.2009 | 0110002448 |
| 161 | ҶДММ «Насим 85» | 21.05.2013 | 0110017885 |
| 162 | ҶСП «Пахтаи тоҷик» | 24.01.2011 | 0110012165 |
| 163 | ҶДММ «Мусаввир 777» | 28.04.2014 | 0110019498 |
| 164 | ҶДММ «Ҷахон Транс» | 12.02.2010 | 0110003832 |
| 165 | ҶДММ «Раҳнамои Мунис» | 10.07.2010 | 0110009570 |
| 166 | ҶДММ «Зораф» | 24.02.2011 | 0110012458 |
| 167 | ҶСК «Джал Джам Компания» | 26.03.2010 | 0110004895 |
| 168 | ҶДММ Хизмати Азим « | 13.07.2010 | 0110010001 |
| 169 | ҶДММ «Ситованд» | 11.01.2010 | 0110003145 |
| 170 | ҶДММ «Абраш» | 28.06.2010 | 0110008736 |
| 171 | ҶДММ «Ширкати Саноати Кӯҳкории Хуаюй Тоҷикистон» | 30.08.2012 | 0110015245 |
| 172 | ФОНДИ ҶАМЪИЯТИИ ХАЙРИЯВИИ «Саховатмандон» | 30.11.2012 | 0110015565 |
| 173 | ҶДММ «Истгоҳҳои Муваққатии Автомобилии Тоҷикистон» | 22.02.2010 | 0110004061 |
| 174 | ҶДММ «Робофорекс Тоҷикистон» | 02.11.2011 | 0110013741 |
| 175 | ҶДММ «Ал Араби Аттоҷики» | 14.04.2010 | 0110005363 |
| 176 | ҶДММ «Шаҳром Сервис» | 30.12.2011 | 0110013952 |
| 177 | ҶДММ «Одинаи Маҷид» | 01.10.2009 | 0110000193 |
| 178 | ҶДММ «Арафот» | 06.02.2015 | 0110020497 |
| 179 | ҶДММ «Золотой Ключик» | 14.07.2010 | 0110010313 |
| 180 | ҶДММ «Инвест Голд» | 04.04.2012 | 0110014539 |
| 181 | ҶДММ «Азизҷон 2012» | 09.12.2011 | 0110013851 |
| 182 | ҶСП «Суғуртаи Душанбе» | 12.07.2010 | 0110009781 |
| 183 | ҶДММ «Экспо Текст» | 08.07.2010 | 0110009314 |
| 184 | ҶДММ «Ёқубҷон» | 10.02.2014 | 0110019223 |

**(Давом дорад)**

# Ифротгароён бо ҳувият ва арзишҳои миллӣ дар ситезанд

**Раванди воқеот нишон медиҳад, ки дастовардҳои нодири сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва афзудани имиҷи сиёсии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ душманони миллати тоҷикро ба шиддат асабонӣ кардааст. Як гурӯҳи худбохтаю фирорие, ки дигар симои хашинашон ҷойи қаламдод кардан нест, комёбиҳои бесобиқаи халқи тоҷик, бахусус дар ростои соли 2018 - ро зарбаи мулҳике ба рӯҳу равони худ шинохта, бо ҳувият ва арзишҳои миллӣ бештар дар ситез афтодаанд.**

Бале, худбохтагони наҳзат ва ё гурӯҳи террористие, ки натавонистанд, бо истифода аз охирин гузина - олами маҷозии Интернет ба мафкураи мардум таъсир гузоранд, ба кӯшишҳои худ дар роҳи эҷоди ихтилофоти нав идома медиҳанд. Ин бешарафон, ки дар хориҷи кишвар худро «мухолифони сиёсӣ» мехонанд, асрорашон барои ҳама, ҳатто, бархе кишвару созмонҳое, ки аз низоми сиёсатҳои духӯра истифода мекунанд, фош гардид. Ва риёкории беш аз ҳад мавқеъгирии доираҳои муайянро дар баробари ташкилоти террористӣ тағйир дода, аъзои онро аз зери чатри «мухолифони сиёсӣ» берун кашид.

Баъд аз шикастҳои пай дар пай ва ҳар чи бештар ошкор шудани чеҳраи аслии аъзои ташкилоти террористӣ дар соли 2018, роҳбари гурӯҳ дар ҷустуҷӯи шеваҳои нав афтод. Мунтаҳо ба ин натиҷа расид, ки бо иваз намудани симои зоҳирӣ ва тактикаи нав имкон дорад, дар кишварҳои аврупоӣ фаъолияти озоди ташкилоти террористиро таъмин намуда, дигар гурӯҳҳоро ба он ҳамроҳ кард. Вале ин ҳилагари сиёсӣ яқин медонист, ки таҳти унвони мазҳабии «наҳзат» дар Аврупо ба ҳадафҳои муғризона даст ёфтан номумкин аст. Аз ин рӯ, дар андешаи таъсиси гурӯҳҳои хасакию камзарфияте, назири «Анҷумани озодандешони тоҷик», «Ҷунбишиислоҳот ва рушди Тоҷикистон», «Ҷунбиши муҳоҷирони Осиёи Марказӣ дар Иттиҳоди Аврупо» афтод. Аммо, интизориҳо дар мавриди бо ин роҳ ҷалб намудани шаҳрвандон ва дигар неруҳои ақлонӣ ба аъзогии гурӯҳҳо бенатиҷа шуд. Нокомиҳо душманони миллатро дар идомаи амалҳои зиддимиллиашон ба таъсиси «паймон» - е водор кард, ки ба қавли Назрӣ Асадзода, ходими Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, «аз лаҳзаи тавлидаш бо марг рӯ ба рӯ шуда, зуд аз ҷониби неруҳои ақлонии ҷомеа унвони «Паймони зиддимиллии Тоҷикистон» - ро ба худ ихтисос дод».

Азбаски дар гузашта, бархе созмонҳои байналмилалӣ аз фаъолиятҳои усулии наҳзатиҳо шинохти саҳеҳ надоштанд, ба ҷилванамоии онҳо ҳамчун гурӯҳи «таъқибшуда» ё «мухолифони сиёсӣ»-и ҷонибдори низоми демократия ва ҳуқуқу озодиҳои инсон то ҷое бовар мекарданд. Ба ин далел, гоҳо барояшон минбар дода мешуд, ки он ҳам шомили баҳсу моҷароҳои зиёде буд. Вале макри сиёсӣ дер напоид. Моҳи сентябри соли 2018 дар ҳошияи баргузории ҳамоиши солона роҷеъ ба баррасии иҷрои уҳдадориҳои марбут ба ченаки инсонӣ, ки аз ҷониби Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони САҲА баргузор шуд, парда аз рӯи ташкилоти террористӣ дарафтод.

Ҳузури намояндагони расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷаласа ва бо мадорики муътамад дар миён гузоштани ҷиноятҳои содирнамудаи саркардагону аъзои гурӯҳи ифротгаро дидгоҳи ҳомиёни ҳуқуқи башар ва созмондиҳандагони конфронсро нисбат ба тими худхондаи «мухолифон» тағйир дод. Дар ҳамин ҳол, аксу наворҳои мунташиршуда аз ҷараёни конфронс ҳолати рӯҳии наҳзатиҳоро дар вазъияти бисёр сангин нишон медод. Зеро бо чунин иттифоқоти назар, акнун охирин умедҳо аз даст рафтаву замонати ёриҳои хоҷагон низ рӯ ба хатар овард.

Дар воқеъ, бо дасисаву моҷароҷӯӣ, амалҳои ҷиноятkорона, сангар гирифтан алайҳи манофеи давлату душманӣ бо халқ ва он ҳам дар ҷаҳони ҳассоси имрӯза наметавонад бори масъулияти «мухолиф» буданро бикашад. Зеро ба таъбири сиёсатшиносон «мухолиф он қувваҳои солимеро меноманд, ки дар рушди риштаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии ҷомеа ширкат меварзанд». Аз ҳамин нуқтаи назар метавон гуфт, ки наҳзатиҳо дар ягон давра, неруи мухолиф набуданд, ба ҷуз гурӯҳи ҷинояткору бадкеше, ки аз бунёд зидди арзишҳои миллӣ амал мекунанд.

Айни ҳол, чунин ба назар мерасад, ки ҳаракат дар масири рушду устувор ва иттиҳоди ҳар чи бештари мардум, иродаи созандаи роҳбарияти давлату Ҳукумат ва халқи тоҷик бадхоҳонро нороҳаттар кардааст, ки ҳамоно бо амалҳои моҷараҷӯёна аз худ дарак медиҳанд. Чунончи, дар ин авохир ин гурӯҳ, хилофи мавқеи пешинаи худу атрофиёнашон, ки бо тақозои кишвари пуштибон солшумории мелодиро қабул надоштанд, бо паёми солинавӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба зуҳур омад. Ифротгарои сарсахте домони сатру ҳиҷобро гирифт. Баҳси «босмачигарӣ» низ хеле гарм шуд ва мисли ҳамеша мавзӯи ҳуқуқи инсон ҳам бидуни хиҷолат дар миён буд. Вале дар пайи ин гуна талошҳои заволпазиру беасар низ як нукта рӯшан аст, ки террористон ҳамоно кӯшиши таъсиррасонӣ ба афкори мардум, бесубот кардани вазъи дохилии кишварро идома медиҳанд, то аз мурооти минбаъдаи муассисону хоҷагони худ бенасиб намонанд.

Аслан, дар шароити кунунӣ, ки ҷомеаи тоҷик дар фазои сулҳу суботи комил барои расидан ба ормонҳои миллӣ ва ҳадафҳои ниҳоии рушди мамлакат ба самти уфуқҳои тоза ҳаракат дорад, вокуниш ба амалҳои муғризонаи ин гурӯҳ арзише қоил нест. Зеро мардум бо нигоҳе ба сабақҳои талхи ҷанги шаҳрвандӣ, ки тарроҳи аслии он ҳамин тоифаи мавриди назар буданд, дигар фирефтаи гурӯҳҳои хуношом нахоҳанд шуд ва посухи сазовор ба «идеолог» - ҳои зархаридро як навъ мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва эмин нигоҳ доштани ҷомеа аз макри душманон мешиносанд.

**Фирӯз ҶУМЪАЕВ**


ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

БАРОИ СОЛИ 2019 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

Нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»

86 СОМОНӢ



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

Обуначиёни фаъол аз тарафи идораи «Боҷу хироҷ» ҳавасманд карда мешаванд.

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

# ЭЪЛОН

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон музоядаи №6-ро эълон менамояд.**

Ба таваҷҷуҳи хоҳишмандон расонида мешавад, ки молу мулки тахти ҳабс қароргирифтаи ҶДММ «Тоҳириён - 1» (РМА 090005109) – шаҳри Ҳисор бо нархи ибтидоии 555600 (панҷсаду панҷоҳу панҷ ҳазору шашсад) сомонӣ ба фурӯш гузошта мешавад.

Хоҳишмандон бо пардохти 5 фоиз пардохти кафолатӣ аз нархи ибтидоии молу мулк, дар музояда иштирок карда метавонанд.

Пардохти кафолатии ғолиби музояда ба нархи фурӯши молу мулк дохил мешавад.

Музояда 13 феврали соли 2019, соати 16:00, дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2, биноии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мешавад. Музояда бо усули англисӣ сурат мегирад.

**НОМГӮИ МОЛУ МУЛКИ ТАҲТИ ҲАБС ҚАРОРДОШТА**

| № | Номгӯи молу мулк | Миқдор (адад) | Соли бароришr | Маҳали ҷойгиршавӣ | Нархи ибтидоии фурӯш дар асоси хулосаи КВД оид ба нархгузорӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Дастгоҳи истеҳсоли хишти суфта | 1 | 2014 | ш. Ҳисор, Ҷ/д Деҳқонобод, деҳаи Гаҷак | 248 920 |
| 2 | Бинои сехи истеҳсоли хишти суфта (навес) | 1 | 2014 | ш. Ҳисор, Ҷ/д Деҳқонобод, деҳаи Гаҷак | 200 000 |
| 3 | Таҷҳизоти истеҳсоли сангҳои ороишӣ (мазайка) | 1 | 2015 | ш. Ҳисор, Ҷ/д Деҳқонобод, деҳаи Гаҷак | 62 230 |
| 4 | Қолаби истеҳсоли сангҳои сунъӣ | 1200 | 2015 | ш. Ҳисор, Ҷ/д Деҳқонобод, деҳаи Гаҷак | 44 450 |
| | **Ҷамъ** | | | | **555 600** |

## Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи шумо мерасонад, ки пас аз ҳисоб намудани маблағи андозҳо метавонед ба мақомоти андоз ҳозир нашуда, тавассути нуқтаҳои ваколатдори Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» маблағи андози дахлдорро ба буҷет пардохт намоед ва расиди маблағи пардохтшударо, ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунанда, бо худ нигоҳ доред.

Ёдрас мешавем, ки дар сурати ба шахси дигар додани маблағи андоз эҳтимолияти пардохт накардани андозҳо ва боиси дар назди буҷет қарздор мондани шумо мегардад.

## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW. ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Нурӣ» (РЯМ 0210015113), воқеъ дар ноҳияи И.Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Эмод Тиҷорат» (РЯМ 0410015669), воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ Ташкилоти Ҷамъиятии «Ёдгориҳо ва мавзеҳои таърихию тамошобоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» (РМА 030009983) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Ориён Сифат» (РЯМ 0210023981) воқеъ дар ноҳияи И.Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

■ Филиали ҶСК «Интертехнология» дар ҶТ (РЯМ 0120001090) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.

■ ҶСК «Мусофиркаш» (РЯМ 7010001075) воқеъ дар шаҳри Хоруғ, барҳам мехӯрад.

■ Ташкилоти Ҷамъиятии Иттифоқи ташкилотҳои ҷамъиятии ибтидоии ноҳияи Кӯлоб рақами ИҶ: 248 аз 07.11.2008 дар Раёсати адлияи вилояти Хатлон ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Футур Бобо» (РМА 330006696) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Зиёратшоҳ-2014» (РЯМ 0410022736) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «АС» (РЯМ 0410006841) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Истиқлол А» (РЯМ 2310002970) воқеъ дар ноҳияи Ховалинг, барҳам мехӯрад.

■ Кооперттиви тиҷоратии «Насим» (РЯМ 2310001715) воқеъ дар ноҳияи Ховалинг, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Зоҳир» (РЯМ 6210003287) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғуломов Одил (РЯМ 0330013246), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Каримов Тағоймурод (РЯМ 0330083949), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мусулмонов Беҳруз (РЯМ 0331206178), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҷабов Илҳом (РЯМ 0331259491), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Каримов Умарҷон (РЯМ 0130011255), аз ноҳияи Шоҳмансур, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Муҳриддин» (РЯМ 5730110201), аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Муҳаммадҷон» (РЯМ 5730128855), аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Исломҷон» (РЯМ 6130080358), аз ноҳияи Ҷ.Расулов, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба КТ "Абдурауф 2010" (РЯМ 3510004447), аз ноҳияи А.Ҷомӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Фарангези Сафаралӣ (РЯМ 0430230185) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Полвонова Манзура (РМА 345477847), аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Авазов Ғоибназар (РЯМ 3330001208), аз ноҳияи Ҷ.Балхӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ТҶ «Тониёл»-и ноҳияи Кӯлоб рақами ИҶ: 234 аз 08.08.2008 сол, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳматова Муродви (РМА 3830031499), аз ноҳияи Шаҳритус, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ҳасанова Мамлакат (РЯМ 1530016465), аз ноҳияи Варзоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қаландаров Сунатулло (РЯМ 1530016474), аз ноҳияи Варзоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Изатуллоева Меҳрубон (РМА 1930062375), аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Абумутолиб» (РЯМ 1930000225), аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қурбонова Зебинисо (РЯМ 0530127776), аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ҳамроев Султан (РЯМ 0530019435), аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Шоев Диловар (РЯМ 0530105281), аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Шодмон» (РЯМ 2330003299), аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Ташрифзода» (РЯМ 2330028278), аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Гулрухсори Фатҳиддин (РЯМ 2330023786), аз ноҳияи Ховалинг, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Самадова Қундузой (РЯМ 0730109289), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Болтаев Муҳаммадшерзод (РЯМ 0730129822), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ашуров Зафарҷон (РЯМ 0730118547), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Олимова Сайёра (РЯМ 0730130995), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маматов Нуралӣ (РЯМ 0730083063), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маҳкамова Барно (РЯМ 0730067773), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Адилов Иброҳим (РЯМ 6230161878), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муъминова Пулодой (РЯМ 6230035900), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Азизова Моҳзода (РЯМ 6230054527), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Иноятов Хушбахт (РЯМ 6230045461), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Хидиров Иномҷон (РЯМ 6230002570), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Эшбеков Ҳабибулло (РЯМ 6230001122), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Туронов Абдурашид (РЯМ 6230037376), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шаропов Солибой (РЯМ 6230057680), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Расулов Фуркат (РЯМ 6230000966), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## Андоз ва андозбандӣ дар замони барқароршавии сотсиализм

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Бо мақсади мубориза ба муқобили болоравии нархҳо сафи супорандагони ин андоз соли 1927 аз ҳисоби соҳибони муассисаҳои савдои разряди II зиёдтар гардид. Дар соҳаи саноат шумораи супорандагони андози мазкур кам шуд. Онро ашхосе месупориданд, ки дар сектори моликияти хусусӣ, дар соҳаҳои коркарди чарм, пашм, равғанкашӣ, истеҳсоли орд фаъолият доштанд. Рӯйхати ин соҳаҳоро Комиссариати халқии молия ҳамроҳ бо ВСНХ ва Комиссариати савдои дохилӣ ва хориҷӣ тартиб дода буд.

Дар андозбандии даромади изофа низ маблағи ҳадди ақкали андозбандинашаванда вуҷуд дошт: дар минтақаи I – агар даромади яксола 3200 бошад, дар минтақаи IV – 2000 рубл. Заминаи андоз аз даромади изофаро фарқияти байни фоидаи бадастовардашуда ва даромади дар натиҷаи аз нархҳои таъиннамудаи мақомоти танзимкунанда бадастовардашуда ташкил медод.

Баъдан ба андоз аз даромади изофа тағйирот ворид шуданд. Соли 1928 аз пардохти ин навъ андоз соҳибони муассисаҳои машғул ба сохтмон ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи маводи сохтмон озод гардиданд.

Соли 1928 доираи омилони ҷамъоварандаи андоз аз даромади изофа муайян гардид: аз ашхоси воқеӣ ин андозро бозрасиҳои ноҳиявӣ (участкавӣ) аз ашхоси ҳуқуқӣ шуъбаҳои молияи округҳо меситониданд. Маблағи умумии аз андози изофаи солҳои 1927 – 1928 нисбат ба соли пешина ду баробар зиёд шуд.

Андозбандии унсурҳои капиталистӣ пас аз ҷорӣ гардидани андози ҳадафнок аз манзил (1927) пурзӯртар шуд. Ин андоз аз андозсупорандагони андоз аз даромад аз рӯи ҷадвали № 3 (даромадҳои муфт -- ғайримеҳнатӣ) ситонида мешуд. Соли 1929 ҳаҷми ин андоз ба ин маблағҳо муқаррар гардида буд, агар даромади яксола 1000 рубл бошад, дар як моҳ барои 1 м2 5 тин (копейка) мегирифтанд; аз даромади 24 ҳазор рубл – 3 рублу 20 тин барои 1 м2. Ҳамин тавр, андоз аз манзил як шакли дигари андози иловагӣ аз дорандагони мулки хусусӣ гардид. Ин андоз ба буҷети мақомоти маҳаллӣ ворид мешуд.

Ба сабаби бозсозӣ соли 1927 ҷойи андоз барои нишони давлатӣ (дар бораи он поёнтар сухан хоҳем гуфт) андоз аз гардиши ашёи қиматбаҳо ҷорӣ гардид.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир Исломов «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

# Аз ҳар хусус



## 200 доллар андоз барои тамошои телевизори ранга

Шаҳрвандони Британияи Кабир барои харидан ва тамошои телевизори ранга ҳар сол 200 доллари ИМА ва барои телевизори сиёҳу сафед 70 доллар андоз пардохт мекунанд. Касе, ки андозро пардохт накунад, 1300 доллар ҷарима мешавад. Бино бар ин, муштариён телевизорҳои сафеду сиёҳро аз кухнабозор ё аз одамоне, ки аз хонаашон мекӯчанду молҳои кухнаашонро ба фурӯш гузоштаанд, мехаранд. Воқеан, қаблан дар Британияи Кабир тамошои телевизор ҷиноят маҳсуб мешуд.

## Панди рӯзгор



**Дар як оила ҷавоне бо хӯю хислати баде тарбия меёфт. Ӯ тундмиҷоз ва дағал буд. Рӯзе падараш ба ӯ халтаи пур аз мехро медиҳаду мегӯяд:**

«Ҳар боре, ки ғазаби худро дошта наметавонӣ, ба сутуни хона якто мех зан!».

Рӯзи якум дар сутуни девор чандто мех зад. Оҳиста - оҳиста ӯ худдорӣ намуда, ҳисоби мехҳоро камтар кард. Писар ба хулосае омад, ки қаҳру ғазаби худро дошта тавонистан, беҳ аз мех ба сутун задан аст.

Падар, ки ин ҳамаро мушоҳида мекард, ба ӯ гуфт: «Аз ин пас, ҳар дафъае, ки худдорӣ менамоӣ, аз сутун якто мехро бикан!»

Рӯзҳо гузаштанд. Писар ба назди падар омаду гуфт, ки дар сутун мех намондааст. Он гоҳ падар аз дасташ гирифт ва ба пеши сутун бурда гуфт:

- Корат бад нест, вале мебинӣ, ки дар сутун чӣ қадар ковокиҳо пайдо шуд? Ин сутун намуди пештараашро гирифта наметавонад. Ҳангоми муомилаи дурушт бо одам дар дили ӯ ҳам ҳамин хел захмҳо мемонанд, ки табобаташон маҳол аст.

## Шарбати каду-бартарафсозии бехобӣ



Шарбати каду хобро хуб, асабҳоро ором, равандҳои мубодиларо дар организм барқарор менамояд. Кадуро ҷӯшонида пазед, хуб совида, шарбаташро фишурда асал илова намоед. Агар хобатон нооором бошад ҳар рӯз пеш аз хоб 2/3 истакон нӯшед.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Нишони дӯсти накӯ он аст, ки хатои туро бипӯшонад, туро панд бидиҳад ва розатро ошкор насозад.

ххх

Марди боақл зани зеботарини дунёро дӯст намедорад, балки занеро дӯст медорад, ки дунёяшро зебо мегардонад.

ххх

Инсонро бо ду порчаи гӯшташ: қалб ва забон баҳо медиҳанд.

ххх

Меҳнат моро аз се чиз наҷот медиҳад ғамгинӣ, одатҳои бад ва фақирӣ.

ххх

Китобҳо меҳмонони хубрӯйи лол мебошанд, ки ҳеҷ гоҳ аз касе озурда намегарданд, аммо онҳо ором ва ҳамсуҳбатони нотакроранд.

ххх

Мероси пурарзиштар аз ростӣ ва дурустӣ нест.

## Лифт бо неруи сад аждаҳо



Лифти баландтарин «Байлун» (Сад аждаҳо) ба ҳисоб меравад, ки дар музофоти Хунани Чин насб шудааст. Лифт барои то ба баландии 330 метр бурдани сайёҳон сохта шуда, дар қуллаи кӯҳ ҷойгир аст.

Он соли 2002 мавриди истифода қарор гирифта, арзишаш тақрибан 18 миллион долларро ташкил медиҳад.

Кабинаи лифт дуошёна асту дар он 50 кас ҷой мегирад. Лифт дар муддати як соат ба 1480 нафар хизмат расонда метавонад.

«Байлун» ба «Китоби рекордҳои Гиннес» ҳамчун лифти баландтарин, тезҳаракат ва боиқтидор шомил шуд.

## ОЁ МЕДОНЕД?



Як дарахт метавонад дар тӯли як сол аз ҳаво 27 кг ифлосиро тоза намояд.

х х х

Агар инсон мисли уқоб чашми тез дошта бошад, пас вай аз болои ошёнаи 10-ум мурчаи поёнбударо дида метавонад.

х х х



Ҳангоми ханда дар инсон 17 мушак кор мекунад.

## Шаҳри хурдтарини олам



Бэиле – Тушнад. Аҳолиаш 1700 нафар

Бэиле – Тушнад дар Руминия ҷойгир аст. Он соли 1842 сохта шуда, соли 1968 унвони шаҳрро ба худ гирифт. Айни ҳол дар ҳудуди шаҳр чашмаҳои шифобахш зиёд аст ва дар ин замина осоишгоҳҳо сохтаанд. Дар бораи чашмаҳои шифобахши он аввалин маротиба дар асри XVII маълумот додаанд. Аксарияти аҳолии шаҳрро венгер - селекҳои руминӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, дар шаҳри Бэиле -Тушнад ибодатгоҳи католикӣ ва калисои православӣ фаъолият мекунанд.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Тоҳир ЧИЛАЕВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе

Индекс: 68930

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 46 742